Шавқи омӯзиши соҳибкорӣ дар мамлакати мо айни замон хеле зиёд шудааст. Ба омӯзиши он на танҳо илми иқтисодиёт, балки ҳуқуқшиносӣ, ҷамъиятшиносӣ ва равоншиносӣ, таърих ва фалсафа, этика ва фарҳангшиносӣ машғул гардидаанд. Рушди соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, бахусус дар соҳаи истеҳсолоти саноатӣ, аз ҳисоби шумораи зиёди проблемаҳои ҳалнагардида дар самти асосҳои назариявию методии амалнамоӣ ва рушди он, аз ҷумла, усулҳои баҳодиҳии иқтидори саноатии мамлакат, имкониятҳои содиротӣ, механизмҳои таъмини бехатарии иқтисодӣ ба таври нокифоя ба роҳ монда шудааст. Ба андешаи мо, бидуни таъсис надодани механизмҳои самараноки истифодаи иқтидори соҳибкории хурду миёна дар саноат, таъмини ҳиссаи муҳими он дар самти ноил гардидан ба мақсади стратегии барқарорсозии саноати ватанӣ ва таъмини рушди пешгузарандаи он ғайриимкон аст. Мо ба ақидае, ки таваҷҷуҳ ба модели захираҳои хоми рушди иқтисодиёт мавқеи худро аз даст дода, бояд дорои идомаи мантиқии саноатикунонии босуръати ба дастовардҳо ва технологияҳои инноватсионӣ асос пайдонамуда бошад, устуворем.

Ҳамин тариқ, ҳалли масъалаҳои ба таҳияи механизмҳои асосноки илмии истифодаи бартариятҳои нисбии соҳибкории хурду миёна дар саноатикунонии бошиддати иқтисодиёти

[3] Паёми Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26.12.2018// [Маводи электронӣ]. -Реҷаи дастрасӣ: http://www.president.ti/.

миллӣ, ки илм ва таҷрибаи иқтисодӣ тақозо намудааст мубрамияти тадқиқоти диссертатсиониро муайян менамояд.

**Сатҳи коркард ва асосҳои назариявию методии тадқиқот.** Ба сифати асосҳои назариявӣ ва методии тадқиқот дастовардҳои илмии олимони ватанию хориҷӣ дар самти рушди соҳибкории хурду миёна ва тақвияти нақши онҳо дар рушди саноат қабул гардидааст. Масъалаҳои умуминазариявӣ ва асосҳои методологии намуди фаъолияти соҳибкорӣ дар шумораи зиёди дастовардҳо аз вақти оғози тадқиқот дар соҳаи мазкур ошкор карда шудаанд. Дар дастовардҳои як қатор муҳаққиқон ба монанди Абалкин Л.И, Альтухов А.И, Ансофф И., Балбаков М.Б., Блинов А.О, Бучаев А.Г., Бастых П., Бунеева Р.И., Воронов А.А., Грузилович Л., Горбунов В.Л., Гордеев С.С., Дружинин В.Н., Дыльнова З.М., Дуденков Б., Егиазарян Г., Иванова Я.Е., Ермошина Г., Ерохина В., Кантильон Р., Кене Ф., Крюков А.Ф., Кумскова Н.Х., Лазовский Л.,Любимов В., Мальнер Б., Переверзев М.П., Поршнев А.Г., Попова А., Райзберг Б., Хайер В., Сей Ж.Б., Смит А., Старостин Ю.Л., Тябуненко К., Уткин Э.,Хоскинг А. ва дигарон ҷанбаҳои мухталифи назария ва амалияи соҳибкории хурду миёна мавриди тадқиқот қарор дода шудаанд.

Проблемаҳои ташаккулёбӣ ва рушди соҳибкории хурду миёна дар дастовардҳои як қатор олимони тоҷик мавриди таҳқиқот қарор гирифтааст, ки миёни онҳо метавон корҳои Бердиев Р.Б., Ғаниев Т.Б., Комилов С.Ҷ., Қаюмов Н.К., Низомова Т.Д., Салимов Ю.Н., Розиқов Р.В., Раҳматов Р.Р., Умаров Х.У., Эшбоев А.Э., Юсуфҷонов З.Т., Обидов Ф.С., Ризоқулов Т.Р., Саидмуродов Л.Х., Султонов З., Усмонова Т.Ҷ., Фақеров Х.Н., Файзуллоев С.Х. ва дигаронро қайд намуд.

Новобаста аз таваҷҷуҳи зиёди олимони ватанию хориҷӣ масоили тадқиқоти илмӣ дар соҳаи соҳибкорӣ мубрамияти худро ҳам дар ҷанбаи назариявӣ ва ҳам амалӣ ҳифз менамояд. Тадқиқоти робитаи мутақобилаи сиёсати саноатӣ, соҳибкории хурду миёна ва бехатарии иқтисодии он ҳамчун ба анҷом нарасида тавсиф карда мешавад. Хусусиятҳои бунёди муассисаҳои саноатии хурду миёна, пойгоҳи маҳсулоти хоми онҳо ва таъминоти захираҳо, иқтидори содиротӣ ва бехатарии иқтисодии онҳо, инчунин ҳамкорӣ ва робитаи мутақобила бо дигар соҳаҳои иқтисодиёт ба таври нокифоя мавриди омӯзиш қарор дода шудааст. Ин ҳам дар ҳолест, ки маҳз ҳамин омилҳо қобилияти расонидани таъсири назаррасро ба рушди устувори муассисаҳои соҳибкории хурду миёна дар соҳаи саноат ва дар маҷмуъ ба раванди саноатикунонӣ доранд ва равандҳои мазкур дар тадқиқоти диссертатсионӣ инъикос гардидаанд.

**Робитаи тадқиқот бо барномаи (лоиҳаи) мавзуҳо**. Тадқиқоти диссертатсионӣ ба таҳияи тадбирҳои илмӣ дар самти амалисозии Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи то соли 2030, Барномаи рушди миёнамуддати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи солҳои 2021 – 2025, Барномаи саноатикунонии босуръати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи солҳои 2020 – 2025, Барномаи рушди саноати хӯроквории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи солҳои 2020 – 2025 алоқамандӣ дошта, дар доираи нақшаи корҳои илмию тадқиқотии Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ иҷро гардидааст.

## ТАВСИФОТИ УМУМИИ ТАДҚИҚОТ

**Мақсади тадқиқоти диссертатсионӣ** асосноккунии назариявӣ ва таҳияи механизмҳои ташкилию иқтисодии рушди соҳибкории хурду миёнаи саноатии ба шароитҳои муосир мутобиқ ба ҳисоб меравад, ки фарогири баҳодиҳӣ ва татбиқи амалии имкониятҳои содиротии он, таъмини бехатарии иқтисодӣ бо мақсади азнавсозии сохтории иқтисодиёти миллӣ дар самти саноатикунонии он мебошад.

**Вазифаҳои тадқиқот**. Мақсади гузошташудаи тадқиқот зарурияти гузориш ва ҳалли масъалаҳои зеринро муайян намуд:

- ҷамъбаст ва ошкор намудани асосҳои методии тадқиқоти моҳият ва муқаррароти соҳибкорӣ ва фарқиятҳои он аз бизнес;
- ошкор намудани моҳият ва вазифаҳои соҳибкории саноатӣ;
- асосноккунии зарурияти объективии бунёд ва рушди муассисаҳои саноатии хурду миёна, ҳамчун асоси саноатикунонии нави иқтисодиёти миллӣ;

- омӯзиши таҷрибаи хориҷии истифодаи иқтидори соҳибкории хурду миёна дар рушди саноат ва тадқиқи имкониятҳои мутобиқшавии он ба шароитҳои ватанӣ;

- баҳодиҳии ҳолати кунунӣ ва асосноккунии самтҳои рушди соҳибкории хурду миёна дар саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- дар асоси муносибати методии пешниҳодгардида баҳодиҳии иқтидори саноатии соҳибкории хурду миёна дар саноат ва ҳиссаи он дар рушди иҷтимоию иқтисодии мамлакат ва минтақаҳои он;

- тадқиқи механизми дастгирии давлатӣ ва таъминоти захиравии соҳибкории хурду миёна дар саноат ва асосноккунии тадбирҳо оиди баланд бардоштани самаранокии он;

- тадқиқи иқтидори содиротии соҳибкории хурду миёна дар саноат ва асосноккунии тадбирҳо оиди татбиқи он;

- таҳияи услуби баҳодиҳии бехатарии иқтисодии фаъолияти соҳибкории хурду миёнаи муассисаҳои саноатӣ;

- баҳодиҳии миқдории сатҳи бехатарии иқтисодии муассисаҳои саноатии хурду миёна ва асосноккунии тадбирҳо оиди зиёдшавии онҳо.

**Ба сифати объекти тадқиқоти диссертатсионӣ** фаъолияти соҳибкории муассисаҳои саноатии хурду миёна қабул карда шудааст.

**Предмети тадқиқоти диссертатсионӣ** маҷмӯи муносибатҳои ташкилию иқтисодии ба рушди саноат дар маҷмуъ ва соҳибкории миёна дар он, инчунин таъсири он ба раванди саноатикунонии иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

**Фарзияи тадқиқот**. Фарзияи тадқиқоти мазкур дар ошкор намудан ва татбиқи иқтидори саноатии соҳибкории хурди миёна ифода ёфтааст, ки имкони вусъат бахшидан ба раванди дар мамлакат бунёд намудани саноати муосир ва баланд бардоштани самаранокии онро фароҳам меорад.

**Усулҳои тадқиқот**. Дар раванди тадқиқот усулҳои муносибати системавӣ, таҳлили сохторӣ ва оморӣ, баҳодиҳии интегралию холӣ ва экспертӣ истифода шуданд.

**Давраҳои тадқиқот**. Тадқиқоти диссертатсионӣ дар давраи солҳои 2017 – 2023 иҷро гардидааст.

**Пойгоҳи таҷрибавии тадқиқот** маводҳои авалияи муассисаҳои саноатии хурду миёнаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи солҳои 2017 – 2023, маводҳои Вазорати саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон, монографияҳо ва нашрияҳо дар маҷаллаҳои иқтисодии олимони ватанӣ ва хориҷӣ мебошад. Нишондодҳо оиди субъектҳои соҳибкории хурду миёна дар саноат новобаста аз муассисаҳо дар натиҷаи пурсишномаҳо ва суҳбатҳо бо роҳбарони корхонаҳо ба даст омадаанд.

**Эътимоднокии натиҷаҳои тадқиқот** тавассути ҳаҷми зарурии маводҳои тадқиқот ва пойгоҳи додаҳо, коркарди омории натиҷаҳои тадқиқот ва нашрияҳо тасдиқ гардидаанд. Хулоса ва тавсияҳо бо таҳлили илмии натиҷаҳои назариявӣ ва амалии тадқиқот асоснок карда шудаанд.

**Пойгоҳи моддӣ ва назариявии** тадқиқот дастовардҳои олимони ватанӣ ва хориҷӣ дар соҳаи ташкилнамоӣ ва рушди фаъолияти соҳибкорӣ дар саноат мебошанд. Амалиёти таҳлилӣ дар асоси омӯзиши намояндагони мактабҳои классикӣ ва неоклассикӣ оиди соҳибкорӣ ва дастовардҳои олимони муосир баргузор гардидааст. Дар диссертатсияи тадқиқоти монографӣ ва мақолаҳои илмии олимони ватанӣ ва хориҷӣ оиди проблемаи таҳқиқшаванда истифода гардидааст. Тадқиқоти иҷрогардида аз қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ, фармоишҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оиди масъалаҳои рушд ва дастгирии соҳибкорӣ, Стратегияи милии рушд дар давраи то соли 2030 ва дигар барномаҳои мақсадноку ҳуҷҷатҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон замина мегирад.

**Пойгоҳи иттилоотии тадқиқот** маводҳои ҳисоботӣ ва омории муассисаҳои амалкунандаи саноатии хурду миёнаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, нишондодҳои иттилоотию омории Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, фармоишҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Паёмҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, маводҳои иттилоотии Вазорати

рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон, Бонки умумиҳаҳонӣ, Ассосиатсияи миллии соҳибкории хурду миёнаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин маводҳои аз ҷониби муаллиф дар рафти корҳои таҳлилӣ ҷамъовардашуда ва ҷамъбастгардида мебошанд.

**Навоварии илмии тадқиқоти диссертатсионӣ** аз асосноккунии назариявии аҳамияти соҳибкории хурду миёна дар саноат ҷиҳати ноил гардидан ба мақсадҳои стратегии иқтисодиёти миллӣ ва таҳияи механизми ташкилию иқтисодии таъминкунандаи истифодаи иқтидори он дар саноатикунонии нави иқтисодиёти миллӣ иборат аст. Навоварии илмии натиҷаҳои кори диссертатсионӣ дар ҳолатҳои зерин ифода гардидааст:

1. Тафсироти муаллифии мафҳуми "Соҳибкории саноатӣ" пешниҳод карда шуда, вазифаҳои он ба таври мухтасар ифода ва хусусиятҳои фарққунандаи он аз бизнес асоснок карда шуд.

2. Зарурияти рушди муассисаҳои саноатии хурду миёна ҳамчун шарти саноатикунонии нав ва баланд бардоштани нақши он дар ноил гардидан ба мақсадҳои стратегии рушди иқтисодиёти миллӣ асоснок карда шуд.

3. Иқтидори саноатии соҳибкории хурду миёна ошкор карда шуда, ҳиссаи он дар рушди иҷтимоию иқтисодии мамлакат ва минтақаҳои он муайян гардид.

4. Дар асоси меъёрҳои пешниҳодгардида дастгирии давлатӣ ва таъминоти захиравии соҳибкории хурду миёна дар саноат баҳогузорӣ гардида, тадбирҳо оиди баланд бардоштани самаранокии он асоснок карда шуд.

5. Иқтидори содиротии соҳибкории хурду миёна дар саноат баҳогузорӣ карда шуда, тадбирҳо оиди татбиқи он дар таҷрибаи хоҷагидорӣ асоснок гардид.

6. Услуби баҳодиҳии бехатарии иқтисодии фаъолияти соҳибкории муассисаҳои саноатии хурду миёна пешниҳод ва қобили қабул ҳисобида шуд.

**Муқаррароти асосие, ки ба ҳимоя пешниҳод карда мешавад:**

1. Тафсири муаллифии мафҳуми соҳибкории саноатӣ, вазифаҳои он ва хусусиятҳои фарққунандаи он аз бизнес (тиҷорат);

2. Асосноккунии зарурияти рушди муассисаҳои саноатии хурду миёна ҳамчун асоси саноатикунонии нав ва тарзҳои методии баланд бардоштани нақши он дар ноил гардидан ба мақсадҳои стратегии рушди иқтисодиёти миллӣ;

3. Муносибати методӣ ба баҳодиҳии иқтидори саноатии соҳибкории хурду миёна ва ҳиссаи он дар рушди иҷтимоию иқтисодии мамлакат ва минтақаҳои он;

4. Меъёрҳои баҳодиҳии дастгирии давлатӣ ва таъминоти захиравии соҳибкории хурду миёна, натиҷаҳо ва тасдиқи онҳо, инчунин асосноккунии тадбирҳо оиди баланд бардоштани самаранокии он;

5. Баҳодиҳии иқтидори содиротии соҳибкории хурду миёнаи саноатӣ ва тадбирҳо оиди татбиқи онҳо дар таҷрибаи хоҷагидорӣ;

6. Усулби баҳодиҳии бехатарии иқтисодии муассисаҳои саноатии хурду миёна ва натиҷаҳои татбиқи амалии он.

**Аҳамияти назариявии тадқиқот** дар он ифода мегардад, ки дар заминаи он нақши муайянкунандаи муассисаҳои хурду миёна дар ташаккулёбии модели нави иқтисодиёти миллӣ дар асоси саноатикунонӣ исбот гардида, механизмҳои мушаххаси истифодаи самараноки иқтидори соҳибкории хурду миёна дар сектори саноат, фарохгардонии имкониятҳои содиротии он ва таъмини бехатарии иқтисодӣ пешниҳод карда шуд, ки метавонад аз ҷониби мақомоти давлатии идоракунӣ ва сохторҳои мушаххаси соҳибкорӣ мавриди истифода қарор гирад.

**Аҳамияти амалии тадқиқот.** Натиҷаҳои тадқиқоти мазкур дар раванди таълимии Донишгоҳи технологии Тоҷикистон ва Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ ҷорӣ гардиданд, ки бо маълумотномаи ҷоринамоӣ тасдиқ гардидааст. Услуби пешниҳодгардидаи баҳодиҳии бехатарии иқтисодии муассисаҳои хурду миёнаи саноатиро метавон дар намуди васоити методӣ нашр намуда, ба сохторҳои тиҷоратӣ, Вазорати саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин муассисаҳои таълимоти олӣ ҷиҳати истифоданамоӣ ҳангоми омӯзиши фанни "Бехатарии иқтисодӣ" тавсия кард.

Мутобиқати диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси илмӣ. Тадқиқоти диссертатсионӣ аз рӯи объект ва предмети тадқиқот ба бандҳои зерини шиносномаи КОА Ҷумҳурии Тоҷикистон, рамзи ихтисоси 08.00.04 – Иқтисодиёти соҳавӣ (08.00.04.01 – Иқтисодиёти саноат ва энергетика) мутобиқат мекунад: 2. Масъалаҳои назариявию методии баҳодиҳӣ ва баланд бардоштани самаранокии фаъолияти хоҷагидорӣ дар саноат ва энергетика; 11. Асосҳои назариявӣ ва методии таъмини рақобатпазирии истеҳсолкунандагони маҳсулоти саноатӣ, ташакилнамоӣ ва рушди ивазкунандаи воридот ва содиротии истеҳсолоти саноатӣ; 13. Бизнес – равандҳо дар муассисаҳои саноат ва энергетика. Назария ва методологияи таҳия, банақшагирӣ ва пешгӯии бизнес – равандҳо дар саноат ва энергетика; 26. Механизмҳо ва унсурҳои бунёди системаҳои самараноки бехатарии иқтисодии муассисаҳо ва соҳаҳои саноат ва комплекси сӯзишворию энергетикӣ.

**Ҳиссаи хоси муаллиф**. Ҳиссаи хоси муаллиф дар муайян намудани мақсадҳо, предмет ва объекти тадқиқот, дар асосноккунии феҳристи вазифаҳои тадқиқот ва ҳалли онҳо, баргузории муқаррароти назариявию методӣ то давраи мутобиқати он ба шароитҳои муосири механизми рушди устувори соҳибкории хурду миёна дар саноат, ки татбиқи онҳо боиси таъмини бехатарии иқтисодӣ ва афзудани ҳиссаи он дар ноил гардидан ба саноатикунонии босуръати иқтисодиёти миллӣ мегардад, иборат аст.

**Тасдиқи натиҷаҳои илмии диссертатсия**. Муқаррароти асосии диссертатсия дар конференсияҳои илмӣ ва илмию амалӣ пешниҳод ва муҳокима гардида, инчунин дар мақолаҳои илмии довталаб инъикос гардидааст.

**Нашри натиҷаҳои диссертатсия**. Муқаррароти асосии тадқиқоти иҷрошуда дар 16 мақолаи илмӣ бо ҳаҷми умумии 8,8 ҷузъи чопӣ, аз ҷумла, дар 8 нашрияҳои тақризии маҷаллаҳои илмии тавсиянамудаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр гардидааст.

Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия. Диссертатсия аз муқаддима, се боб, хулоса барои ҳар як боб, хулосаи умумӣ, рӯйхати адабиёт ва замимаҳо иборат аст. Қисмати асосӣ дар 154 саҳифа баён гардида, фарогири 43 ҷадвалҳои таҳлилӣ, 18 расмҳои тасвирӣ ва 6 замима мебошад.

## МУҚАРРАРОТИ АСОСИИ ДИССЕРТАТСИЯ

***Дар муқаддима*** мубрамият ва аҳамияти мавзӯи тадқиқоти диссертатсионӣ асоснок карда шуда, дараҷаи омӯзиши он, мақсад ва вазифаҳои тадқиқот, объект, предмет ва усулҳои тадқиқот муайян гардида, ҳамзамон навовариҳои илмӣ ва аҳамияти назариявию амалии тадқиқот ошкор карда шудааст.

**Боби аввал "Асосҳои назариявию методии тадқиқоти соҳибкории хурду миёна дар саноат"** ба ҷамъбасти парадигмаҳои муосир ва омилҳои рушди соҳибкорӣ, системакунонии тафовути байни соҳибкорӣ ва бизнес, шарҳи мафҳуми соҳибкории хурду миёнаи саноатӣ ва асосноккунии нақши муайянкунандаи он дар саноатикунонии нави иқтисодиёт бахшида шудааст.

Дастгоҳи тафсиркунандаи назарияи соҳибкорӣ дар самти ворид намудани тағйироту иловаҳо, ки меъёрҳои сифатию миқдории ин намуди фаъолияти иқтисодиро дар давраҳои гуногуни рушди ҷомеа ва вазифаҳои ба он муносиб ба инобат мегирад, рушд пайдо намуда, муносибатҳои ба соҳибкорӣ, инчунин сифатҳои фардии худи соҳибкор гузошташударо дар бар мегирад.

Дар тадқиқоти мазкур аз ҷониби мо меъёрҳои зерини ҷудо карда шуданд, ки тавассути онҳо тафриқаи байни вожаҳои "соҳибкорӣ" ва "бизнес" ба роҳ монда мешавад: мақсади фаъолияти иқтисодӣ; моҳияти фаъолияти иқтисодӣ; дараҷаи хавфнокии фаъолияти иқтисодӣ; дараҷаи рушди фаъолияти иқтисодӣ.

Натиҷаҳои системакунонии тафовут байни соҳибкорӣ ва бизнес дар расмҳои 1 ва 2 оварда шудаанд. Тавре аз расмҳои пешниҳодшуда мушоҳида мегардад, корчаллон дар фаъолияти худ модели тайёри маснуотро (маҳсулот) ҳамчун асос қабул намуда, онро дар ҳаёт таҷассум менамояд. Дар ҳамин ҳол соҳибкор модели маснуоти (маҳсулоти) дар бозор мавҷуд набударо дар асоси ақидаҳои нав ва қарорҳои инноватсионии техникӣ ва технологӣ таҳия менамояд. Фаъолияти иқтисодии соҳибкор дар муқоиса бо хавфи камтарини корчаллон, ки

истеҳсоли маҳсулот ва хизматрасонии дар бозор ва рақибон санҷидашударо амалӣ менамояд, бо хавфнокии зиёд алоқамандӣ дорад.

Ба андешаи мо фарқияти асосии соҳибкорӣ аз бизнес дар он аст, ки фаъолияти он танҳо аз дарёфти фоида иборат нест. Аз ин сабаб, мо ба тафсироти зерин устуворем: *соҳибкорӣ – ин фаъолияти иқтисодие мебошад, ки ба: татбиқи сифатҳои махсуси субъект, амаликунандаи он, ҷоринамоии маҳсулот, хизматрасонӣ ва таҷҳизоти нав дар бозор ва ноил гардидан ба мақсадҳои муайяни иҷтимоию иқтисодӣ, ки муқаррароти онҳо метавонад дар мутобиқат бо дараҷаи рушди муҳити дохилӣ ва берунӣ тағйир меёбад.*

Корчаллон дар фаъолияти худ модели тайёри маснуотро (маҳсулот) ҳамчун асос қабул намуда, онро дар ҳаёт таҷассум менамояд. Соҳибкор бошад модели маснуоти (маҳсулоти) дар бозор мавҷуд набударо дар асоси ақидаҳои нав ва қарорҳои инноватсионӣ ба таври мустақилона таҳия менамояд.




Расми 1. Тафовути бизнес аз соҳибкорӣ аз рӯи мақсадҳои фаъолияти иқтисодӣ

Объекти тадқиқоти мазкур омӯзиши доираҳои фаъолияти хоҷагидорӣ оид ба бунёди маҳсулоти моддӣ мебошад, ки барои қонеъ гардонидани эҳтиёҷоти ҷомеа нигаронида шудааст. Бо ба инобат гирифтани он, ки соҳибкории истеҳсолӣ дар доираи истеҳсолоти моддӣ сурат мегирад, он ҳамчун соҳибкории саноатӣ, соҳибкорӣ дар нақлиёт, соҳибкорӣ дар сохтмон, соҳибкории кишоварзӣ ва ғайра тасниф мешавад. Дар ҳамин маврид ҳар яки онҳо дорои зернамуди худ мебошанд. Бахусус, фаъолияти соҳибкорӣ дар саноат дар системаҳои соҳавии он ташкил мешавад: мошинсозӣ, асбобсозӣ, саноати гушт, шир, сабук ва ғайра. Айни замон, ҳам дар давлатҳои рушдёфта ва ҳам дар давлатҳои рушдёбанда дар рушди иқтисодиёт аҳамияти махсусро фаъолияти соҳибкории истеҳсолӣ доро мебошад, ки дар андозаи муайян фарзияҳоро барои рушди соҳибкорӣ дар дигар соҳаҳои истеҳсолоти ҷамъиятӣ, аз ҷумла, соҳаи нигоҳдорӣ, тақсимот, маркетинг ва дигар самтҳо бунёд менамояд.

Дар тадқиқот қайд карда шудааст, ки соҳибкории саноатӣ ҳамчун фаъолияти иқтисодӣ метавонад дорои тавсифоти анъанавӣ ё инноватсионӣ бошад. Омӯзиши таҷрибаи ватанӣ ва хориҷӣ нишон медиҳад, ки соҳибкории саноатӣ, ки танҳо ба муносибати анъанавӣ нигаронида шудааст, наметавонад муваффақона бошад. Соҳибкор одатан дар як доираи муайян бо зарурияти навоварӣ дучор мешавад.

Ба рушди соҳибкорӣ дар саноат омилҳои технологӣ, иқтисодӣ, сиёсию ҳуқуқӣ, иҷтимоию маданӣ, институтсионалӣ, табиӣ ва демографӣ таъсир мерасонанд, ки ҳар яки онҳоро дар навбати худ метавон ба якчанд соҳа ҷудо намуд. Ҳамин тариқ, омилҳои иқтисодии дар тадқиқоти диссертатсионии мазкур муоинашуда фарогири дараҷаи рушди бозорҳо ва миқёси онҳо, рақобатпазирӣ, андозаҳои талаботи пардохтпазир ва даромади аҳолӣ, устувории молиявӣ ва рақобат дар ҳамаи соҳаҳо, таваррум ва дигар ҷабҳаҳо мебошанд. Дар асоси омӯзиш ва ҷамъбасти дастгоҳи тафсиротии дар сарчашмаҳои адабиётӣ овардашуда чунин муайянкуниҳоро қабул менамоем: Соҳибкорӣ дар саноат - ин фаъолияти ба бунёд ва татбиқи имкониятҳои соҳибкорӣ равонакардашуда мебошад, ки бо роҳи ихтироъ, таҳия ва истифодабарии ақидаҳои тамоман нав, маҳсулот ва хизматрасонӣ ва/ё бунёди соҳаҳои нав, инфрасохтор ва тарзҳои ба роҳ мондани тиҷорат муаррифӣ мегардад.




Расми 2. Аломатҳои фарққунандаи соҳибкорӣ аз бизнес

Дар ҳамин маврид соҳибкор дар соҳаи истеҳсолоти саноатӣ бо маҷмӯи амалиёт дучор мегардад, ки ба ҳайати онҳо метавон: дараҷаи баланди эҳсосот, интихоби маҳсулоти фурӯхташаванда ва сиёсати маркетингӣ, муҳориба барои мувофиқати маҳсулот дар бозор ва ҷустуҷӯи мизоҷон, хасташавӣ ва бими муфлисшавӣ, тайм менеҷмент, маҳдудияти захираҳои

молиявӣ, киро намудани кормандон ва ваколати вазифаҳо, ҷустуҷӯи бизнес – модели самаранокро шомил намуд.

Соҳибкорӣ ҳамчун намуди фаъолияти иқтисодӣ дорои меъёрҳои гуногуни сифатию миқдорӣ мебошад. Мо ба мавқеи он, ки маҷмӯи мушаххаси меъёрҳои барои тафриқаи андозавии соҳибкории саноатӣ аз мақсади идоракунии аз ҷониби соҳибкор ташкилгардида ва муайянкунандаи вазифаҳои дар раванди ноилшавӣ ба мақсадҳои гузошташуда вобаста аст, қаноат менамоем.

Новобаста аз таваккалияти зиёди фаъолияти соҳибкорӣ он метавонад фоидаи зиёд орад ва ин ҳолат боиси як қатор бартариятҳои соҳибкории хурду миёна гардидааст, ки мисоли онҳо имконоти зеринанд:

- шароитҳои имтиёзноки дарёфти ҳаҷми зиёд ва бардавоми ашёи хом, маҳсулот, маҷмӯи онҳо ва ғайра;
- дастрасӣ ба захираҳои қарзӣ дар асоси шартномаҳои мусоид;
- сарфаи воситаҳо ба андозаи истеҳсолот;
- имконияти навкунии таҷҳизот бо шартҳои лизинг;
- дастрасии фарох ба технологияҳои рақамии таъминкунандаи дастрасӣ ба иттилоот оиди бозорҳои имконпазири фурӯш ва шарикон.

Соҳибкории хурду миёна метавонад дар намудҳои гуногун ифода шавад: даставӣ, оилавӣ, инфиродӣ ва ғайра. Таҷрибаи мавҷуда шаҳодат медиҳад, ки принсипҳои асосии ташкили соҳибкории хурду миёна дар саноат инҳо мебошанд: гуногуннамудии шаклҳои моликият, бахусус хусусӣ, шарикии давлатию хусусӣ, озодии соҳибкорӣ ва интихоб, манфиати шахсӣ ҳамчун мақсади асосии рафтор, инноватсия, рақобат, мавқеъгирӣ ба механизмҳои бозорӣ.

Бо доро будан ба шаклҳои фасеҳӣ ва тағйирёбандагии рушди фаъолияти иқтисодӣ соҳибкории хурду миёнаи саноатӣ ба иқтисодиёт таъсири мусбат расонида, зуд ба талаботи бозор мутобиқ мегардад, аз технологияҳои инноватсионӣ таъсир дида дар маҷмӯи маҳсулоти дохили ҳиссаи зиёдро соҳиб мешавад. Дар ин маврид ба рушди худи соҳибкории саноатӣ омилҳои технологӣ, иқтисодӣ, сиёсию ҳуқуқӣ, иҷтимоию маданӣ, институтсионалӣ, табиӣ ва демографӣ таъсир мерасонанд.

Дар тадқиқот вазифаҳои соҳибкории саноатӣ ба таври мухтасар ифода гардиданд, ки фарогири:

- бунёди маҳсулоти моддии қонеъкунандаи талаботи заминавии одамон (ашёҳои истеъмолӣ) ва ташкили сармоя барои ҳамаи соҳаҳои фаъолият (воситаҳои истеҳсолот);
- татбиқи ақидаҳои асосии илмию техникӣ ва ташкилнамоии асосҳои прогресси иқтисодии ҷомеа дар маҷмуъ.

Асоснок карда шуд, ки ташкилнамоии муносибатҳои бозорӣ бо бунёд намудани фарзияҳои объективӣ барои соҳибкории хурду миёна, асосноккунии меъёрҳои муассисаҳои хурду миёнаро дар ҳайати иқтисодиёти миллӣ ва мавқеи ташкилию ҳуқуқии фаъолияти он мубрам гардонидааст. Аломатҳои соҳибкории хурду миёна метавонанд мустақилии пурра ва шакли моликият, ҳаҷми маҳсулоти истеҳсолшуда ва хизматрасонии иҷрошуда дар воҳидҳои аслӣ ва пулӣ бошанд. Ҳамчунин бояд қайд намуд, ки ин меъёрҳо барои баровардани хулоса оиди ҳар як нишондиҳандаҳо дар алоҳидагӣ кифояткунанда нестанд. Дар мамлакатҳои мухталиф меъёрҳои миқдории соҳибкории хурду миёна дар саноат гуногунанд. Андозаи муассисаҳои хурду миёна дар саноат аз омилҳои табиӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва демографии минтақа, инчунин аз махсусгардониҳо дар тақсимоти байналмилалии меҳнат вобастаанд.

Тавре таҷрибаи ҷаҳонӣ нишон медиҳад, фаъолияти соҳибкории миқёси хурд дар намудҳои моликияти ғайридавлатӣ ва соҳибкории миёна дар намудҳои омехта асос пайдо менамояд. Аз ин нуқтаи назар соҳибкории хурд ба саҳҳомӣ, кооперативӣ ва моликияти шахсӣ ҷудо мешавад; соҳибкории миёна бошад ба давлатӣ ё муассисаи муштарак ва шарикии хусусию давлатӣ тақсим мешавад. Дар баробари ин муаллиф ба мавқеи он, ки бо рушди муносибатҳои иқтисодӣ, баланд гардидани нақши соҳибкории хурду миёнаи саноатӣ, фарохгардонии масоили тадқиқоти илмӣ дар ин соҳаи соҳибкорӣ меъёрҳои миқдории

соҳибкории хурду миёна ва зоҳиршавии онҳо дар намудҳои моликият наметавонад доимияти худро ҳифз намояд, қаноат мекунад.

Таҷрибаи ҷаҳонӣ шаҳодат медиҳад, ки иқтисодиёти муосир наметавонад бидуни системаи сершохаи соҳибкории хурду миёна дар соҳаҳои саноат, ки дорои ҳама шароитҳои мутобиқшавии зуд ба шароитҳои тағйирёбандаи истеҳсолот, таҳияи тарзҳои технологии нав ё технологияҳои бунёди намунаҳои маҳсулоти истеҳсолшаванда мебошанд, рушд ёбад. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон рушди соҳибкории хурду миёнаи саноатӣ ҳануз ҳам аз давлатҳои аз ҷиҳати иқтисодӣ рушдёфта ба таври назаррас қафо мондааст. Айни замон ҳоло ҳам тасдиқ намудан душвор аст, ки соҳибкории хурду миёна дар соҳаҳои саноат ва гуногуннамудии шаклҳои моликият боиси барқароршавӣ ва рушди иқтисодиёти ҷумҳурӣ гардидаанд. Бо вуҷуди ин, бояд қайд намуд, ки дар ин самт дигаргуниҳо ҷой доранд ва гузаришҳои мусбати хос ташаккул ёфта истодаанд. Муносибатҳои иқтисодӣ, ки бо таъсири худ асосҳои рушди соҳибкории хурду миёнаро дар соҳа таъсис медиҳанд ҳамзамон вусъат ёфта истодаанд. Барои таҳияи қарорҳои стратегӣ оиди баланд бардоштани аҳамияти соҳибкории хурду миёнаи саноатӣ дар саноатикунонӣ ва нақши он дар сохтори иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон рағбати махсусро таҷрибаи ҷаҳонӣ фароҳам меорад, зеро айни ҳол таҷрибаи худӣ маҳдуд аст.

Дар давраи амалисозии хусусигардонии моликияти давлатӣ бояд нақши соҳибкории хурду миёнаи саноатиро бо таъминоти мувофиқи ҳуқуқӣ пурзӯр намуд. Вале раванди хусусигардонии муассисаҳои саноатӣ бесамар гардида, ҳиссаи зиёди муассисаҳои давлатии саноатии хусусигардида истеҳсоли маҳсулоти саноатиро қатъ намуданд. Ҳолати мазкур то як андоза ба таври заиф идора гардид, зеро дар лаҳзаи хусусигардонии муассисаҳои давлатӣ арзиши бозории онҳо бо ҳамаи оқибатҳои манфии аз ин ҳолат бавуҷудоянда баҳогузорӣ карда нашуданд.

Бо ба инобат гирифтани он, ки истеҳсоли силсилаи хурди маҳсулот аз ҷониби муассисаҳои калон ғайрифоиданок аст, дар мамлакат таъсис додани гурӯҳи муассисаҳои махсусгардонидашудаи хурду миёна, ки метавонанд фармоишҳоро оиди истеҳсоли таҷҳизоти махсус, асбобҳо ва дастгоҳҳо иҷро намоянд мувофиқи мақсад ҳисобида мешавад. Махсусгардонии маҳдуди истеҳсолӣ шароитҳоро барои истифодаи таҷҳизоти муосир ва технологияҳои инноватсионӣ таъсис дода, бо ин восита самаранокии истеҳсолотро баланд мебардорад.

Аҳамияти баёнгардидаи соҳибкорӣ дар таъмини рушди иқтисодиётро Амрикои Шимолӣ, Ҷумҳурии мардумии Чин ва давлатҳои Иттиҳоди Аврупо нишон додаанд. Дар диссертатсия дар асоси омӯзиши таҷрибаи ҷаҳонӣ тадбирҳо оиди тезонидани саноатикунонии иқтисодиёт, ки истифодаи самараноки бартариятҳои соҳибкории хурду миёнаи муассисаҳои саноатиро ба инобат гирифтааст, асоснок карда шуд. Дар баробари ин бартарии муассисаҳои хурду миёна бо андозаи пурра танҳо дар ҳолате татбиқ мегардад, ки агар таъсири онҳо ба сохторҳои бузурги саноатӣ ҷой дошта бошад. Дар ин маврид муаллиф ҳолатеро, ки таҷриба худаш дар ҳақиқат метавонад намудҳои нави муносибатҳои ташкилиро тавлид намуда, пешниҳодати илмӣ метавонанд бетағйир бошанд, сарфи назар наменамояд. Асосаш ин ки қарорҳои дар ин соҳа қабулгардида рақобатпазирӣ ва коҳиш додани сармояталабии рушди иқтисодиёти миллиро дар самти саноатикунонии он таъмин намуда, хатарҳои қарзи берунаро сабук намоянд ва хавфҳои имконпазири ҷаҳонишавӣ ва тағйирёбии иқлимро бартараф созанд.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон сатҳи рушди соҳибкории хурду миёна дар саноат ҳануз аз давлатҳои аз нуқтаи назари иқтисодӣ рушдёфта хеле қафо мондааст. Аз рӯи роҳатнокии ба роҳ мондани фаъолияти соҳибкорӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон миёни давлатҳои узви ИДМ мавқеи охиронро ишғол менамояд (ҷадвали 1).

Агар муҳити институтсионалии ба роҳ мондани фаъолияти соҳибкориро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳлил намоем, онгоҳ ошкор мегардад, ки пешравии нисбатан зиёд дар самти бақайдгирии моликият ва андозбандӣ мушоҳида мегардад.

*Ҷадвали1–Муҳити кории институтсионалии ба роҳ мондани бизнес дар давлатҳои узви ИДМ ба ҳолати 01.01. соли 2021*

| Давлатҳои узви ИДМ | Мавқеи ҷаҳонӣ | Бақайдгирии муассисаҳо | Дарёфти иҷозат барои сохтмон | Бақайдгирии моликият | Қарздиҳӣ | Ҳифзи сармоягузорон | Андозбандӣ | Савдои байналмилалӣ | Таъмини иҷрои шартномаҳо | Барҳамхӯрии муассисаҳо |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Қазоқистон | 25 | 45 | 22 | 18 | 75 | 3 | 60 | 119 | 9 | 37 |
| Беларус | 49 | 31 | 28 | 5 | 101 | 42 | 99 | 30 | 27 | 69 |
| Армения | 38 | 9 | 81 | 13 | 20 | 53 | 88 | 48 | 28 | 78 |
| Россия | 28 | 26 | 115 | 9 | 44 | 53 | 45 | 140 | 12 | 51 |
| Молдова | 48 | 44 | 165 | 21 | 32 | 42 | 31 | 34 | 62 | 60 |
| Азербайджан | 34 | 5 | 127 | 22 | 118 | 32 | 40 | 83 | 44 | 86 |
| Қирғизистон | 80 | 30 | 32 | 8 | 32 | 42 | 148 | 79 | 141 | 130 |
| Узбекистон | 69 | 23 | 147 | 75 | 44 | 70 | 138 | 165 | 3 | 77 |
| Тоҷикистон | 106 | 75 | 132 | 67 | 94 | 18 | 91 | 110 | 44 | 97 |

Манбаъ: *аз ҷониби муаллиф аз рӯи нишондодҳои Бонки байналмилалӣ дар соли 2021таҳия карда шудааст: URL* http://www.doing.

Асоснок карда шуд, ки рушди соҳибкории хурду миёна дар саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва тақсимоти он ба тамоми мамлакат зарурияти объективӣ ба ҳисоб меравад. Самти самараноки рушди соҳибкории хурду миёнаи саноатӣ ҷойгирнамоии субъектҳои он дар шаҳрҳои хурду миёна мебошад. Бо назардошти ин муассисаҳои махсусгардонидашудаи маҳдуд аз рӯи истеҳсоли ҷузъҳо ва маснуоти даврҳои алоҳидаи равандҳои технологии дорои аҳамияти соҳавӣ барои қонеъ гардонидани талаботи аҳолӣ ва бунёди инфрасохтори мувофиқ мақсаднок ҳисобида мешавад. Илова бар ин, рушди соҳибкории хурду миёнаи саноатӣ дар маҳалҳои деҳот дар самти коркарди маҳсулоти растанипрварӣ ва чорводорӣ истифодаи оқилонаи иқтидори меҳнатии деҳотро таъмин намуда, боиси коҳиш ёфтани миқёси муҳоҷирати қувваи корӣ ва зиёдшавии воридоти маблағ ба буҷаҳои маҳаллӣ мегардад. Ҳангоми мавҷуд будани муассисаҳои хурду миёна дар маҳалҳои деҳот, одатан рушди инфрасохтор сурат мегирад, ки дар навбати худ боиси рушди иҷтимоию иқтисодии минтақаҳои мамлакат мегардад.

**Дар боби дуюм “Ҳолати кунунии соҳибкории хурду миёна дар қисмати сиёсати давлатии саноатии Ҷумҳурии Тоҷикистон”** таҳлили ҳолати кунунии соҳибкории хурду миёнаи саноатӣ дар мамлакат иҷро гардида, иқтидори саноатии соҳибкории хурду миёна ва ҳиссаи он дар рушди иҷтимоию иқтисодии мамлакат ва минтақаҳои алоҳидаи он мавриди тадқиқ қарор дода шуд ва механизми дастгирии давлатӣ ва таъмини захиравии муассисаҳои хурду миёна баҳогузорӣ гардид.

Рушди иқтисодиёти миллӣ дар сатҳи зиёд боиси ҳолати соҳибкорӣ ва баръакс, рушди бонизоми соҳибкории хурду миёнаи саноатӣ дараҷаи рушди дигар соҳаҳои иқтисодиётро муайян менамояд. Таҳлили иҷрогардида имкон медиҳад, то хулоса бароварда шавад, ки дар ҷаҳони муосир рушди иқтисодиёти миллӣ, аз ҷумла иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон аллакай на он қадар аз қарорҳои як маркази маъмурию хоҷагидорӣ вобаста аст, ки ҳамон қадар аз фаъолияти самараноки шумораи беҳад зиёди соҳибкорони соҳибихтиёри дар ҳаёт таҷассумкунандаи ақидаҳои нав дар шаклҳои гуногуни фаъолият вобастагӣ дорад. Дар даҳсолаи муоинашаванда (солҳои 2012-2021) сатҳи нисбатан бардавоми рушди иқтисодии мамлакат мушоҳида мегардад. Рушди миёнаи солонаи ММД ва МММ мутаносибан 6,94% ва 12,0%-ро ташкил медиҳад. Ҳаҷми номиналии ин нишондиҳандаҳо бошад дар соли 2021

мутаносибан 98,911 миллиард сомонӣ ва 91,932 миллиард сомониро ташкил медиҳад. Аз рӯи суръати афзоиши МММ вилояти Суғд ва НТҶ мақоми пешсафиро соҳибанд. Агар МММ дар давраи солҳои 2016-2021 дар ҷумҳурӣ дар маҷмуъ 1,84 маротиба афзуда бошад, онгоҳ дар ин минтақаҳо ин нишондиҳанда мутаносибан 1,87 ва 2,03 маротиба зиёд шудааст. Афзоиши МММ дар ВМКБ, ки аз рӯи ҳудуд калонтарин минтақаи ҷумҳурӣ ба ҳисоб меравад ҳамагӣ 51,9%-ро ташкил медиҳад. Яке аз сабабҳои асосии ин ҳолат дараҷаи мувофиқи рушди иқтидори саноатии ин минтақа мебошад.

Саноат ҳамчун сектори иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон дорои соҳаҳои гуногун буда, фарогири тақрибан 200 зерсоҳа мебошад. Тибқи нишондодҳо аз 307878 муассисаҳои хурду миёна, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон амал мекунанд, 13120 адади онҳо дар соҳаҳои савдо, хизматрасонӣ ва саноати сабуку озуқаворӣ бунёд гардидаанд. Дараҷаи рушди соҳибкории хурду миёна дар ҷумҳурӣ ҳамчун суръатбахшандаи муҳими некуаҳволии иқтисодии мамлакат муаррифӣ мегардад. Тавре аз расми 3 дида мешавад, новобаста аз мушкилоти ҷойдошта ҳиссаи арзиши иловашудаи дар муассисаҳои соҳибкории хурду миёна таъсисёфта дар ҳаҷми маҷмуавии арзиши иловашуда дар Ҷумҳурии Тоҷикистон 70%-ро ташкил медиҳад. Ин ҳолат бори дигар дурусти мулоҳизаи пешниҳоднамудаи моро оиди имкониятҳои мавҷудаи ин сектор дар самти таъсиррасӣ ба татбиқи афзалияти стратегӣ – саноатикунонии иқтисодиёти миллӣ тасдиқ менамояд. Дар ин маврид саноати сабук ва озуқаворӣ зиёда аз 30% - и ҳаҷми умумии истеҳсолоти ин соҳа ва муассисаҳои онро бештар дар бозори истеъмолӣ таъмин менамояд. Аз рӯи шумораи муассисаҳои хурду миёнаи дар ин секторҳо бунёдгардида онҳо баъди савдо мавқеи дуюмро ишғол менамоянд. Маҳз ҳамин ҳолат таваҷҷуҳи рағбатҳои илмӣ ва амалии муаллифи тадқиқоти мазкурро ба муассисаҳои хурду миёна дар саноати озуқаворӣ ва сабуки иқтисодиёти миллӣ муайян намудааст.




Расми 3. Ҳиссаи корхонаҳои хурду миёна дар ММД - Ҷумҳурии Тоҷикистон ва кишварҳои хориҷӣ дар соли 2021.

Сарчашма: *таҳияи муаллиф аз рӯи маълумотҳои Бонки Ҷаҳонӣ дар соли 2021: URL http://www.doing.*

Тавре расмҳои 4 ва 5 нишон медиҳанд, аз соли 2015 тамоюли коҳишёбии ҳиссаи муассисаҳои хурд дар маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ ва минтақавӣ ба қайд гирифта шудааст. Таъсири махсуси ноустуворро пандемияи COVID -19 расонидааст.




*Расми 4 – Саҳми КХ дар МММ*

Сарчашма: *Аз ҷониби муаллиф дар асоси маълумотҳои зерин таҳия гардидааст: Маҷмӯаи омории ҶТ/ Маҷмӯаи оморӣ - Душанбе, АОПҶТ, 2022. -С. 217.*




*Расми 5 - Саҳми КХ дар ММД*

Сарчашма: *Аз ҷониби муаллиф дар асоси маълумотҳои зерин таҳия гардидааст: Маҷмӯаи омории ҶТ/ Маҷмӯаи оморӣ - Душанбе, АОПҶТ, 2022. - С. 222.*

Дар баробари ин бояд қайд намуд, ки дар давраи солҳои 2014 – 2021 ҳиссаи аҳолии дар соҳибкории хурду миёна машғулбуда 15,3% афзуда, аз ҳиссаи аҳолии дар сектори давлатӣ ва муассисаҳои калон фаъолияткунанда хеле зиёд шудааст (расми 6)




*Расми 6.* - Тағйирёбии сохтори шуғл дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2014–2021, %
Сарчашма: *Аз ҷониби муаллиф дар асоси маълумотҳои зерин таҳия гардидааст: Маҷмӯаи омории ҶТ/ Маҷмӯаи оморӣ - Душанбе, АОПҶТ, 2022. - С. 242.*

Дар диссертатсия тадқиқоти иқтидори саноатии соҳибкории хурду миёна иҷро гардида, таъсири он ба рушди иҷтимоию иқтисодии мамлакат ва минтақаҳои он баҳогузорӣ карда шуд. Дар соли 2021 дар ҷумҳурӣ шумораи муассисаҳои хурду миёна, ки ба фаъолияти соҳибкорӣ машғуланд 356512 ададро ташкил додааст, ки аз ҳамин нишондиҳандаи соли 2012 - 65,7% зиёд мебошад (ҷадвали 2).

Ҷадвали 2–Ҳолати шаклҳои хурд ва миёнаи соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи солҳои 2012 – 2021, бо адад

| **Намуди фаъолият** | **2012** | **2013** | **2014** | **2015** | **2016** | **2017** | **2021** | **Дар с. 2021 нисбати с. 2012 бо %;** |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Шаҳодатнома | 28130 | 35610 | 31867 | 31352 | 32084 | 32096 | 36637 | 30,2 % |
| Патент | 75342 | 78339 | 73643 | 82874 | 88343 | 95951 | 104241 | 38,3 % |
| Шахсони ҳуқуқӣ | 18617 | 25728 | 31263 | 31925 | 31806 | 31205 | 48625 | 161,1 % |
| Хоҷагиҳои деҳқонӣ | 92989 | 96764 | 126825 | 13837 8 | 123379 | 142044 | 167009 | 79,6 % |
| Ҳамагӣ СХМ | 215078 | 236441 | 263598 | 28452 9 | 275612 | 301296 | 356512 | 65,7 % |

Сарчашма: *Маҷмӯаи омории Ҷумҳурии Тоҷикистон - Душанбе, АОПҶТ, 2022. - С. 214; Маълумотҳои Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҳисобҳои муаллиф*

Дар солҳои алоҳида коҳишёбии шумораи муассисаҳои хурду миёна мушоҳида гардида, коҳишёбии зиёди он дар ВМКБ ҷой дорад. Тамоюли коҳишёбии шумораи кормандони ба соҳибкории хурду миёнаи саноатӣ машғулбуда дар манотиқи ҷанубию шарқии мамлакат ба қайд гирифта шудааст.

Мутобиқи нишондодҳои Бонки умумиҷаҳонӣ ва дигар ташкилоти байналмилалӣ дар натиҷаи ҷанги шаҳрвандӣ ва офатҳои табиӣ ба иқтисодиёти ҷумҳурӣ, бахусус ба иқтидори

истеҳсолии он зарари калони моддӣ расид, ки ба зиёда аз 7 миллиард доллари ИМА баробар аст. Қисмати зиёди зарар ба иқтисодиёти вилояти Хатлон расид. Таҳлили иҷрошуда нишон медиҳад, ки ҳиссаи зиёдро дар халалрасонӣ дар саноатикунонии иқтисодиёти миллӣ раванди хусусигардонии объектҳои саноатии давлатӣ расонидааст. Тавре аз ҷадвали 3 дида мешавад, шумораи муассисаҳои зиёди хусусигардида дар вилояти Хатлон ба қайд гирифта шудааст. Новобаста аз он ки ҳангоми хусусигардонии моликияти давлатӣ механизмҳои бозорӣ истифода нагардиданд, натиҷаҳои он имкони беҳдошти ҳолати молиявии иқтисодиёти миллиро фароҳам овارданд. Ба шарофати ин фарзияҳои зиёд кардани инвеститсия ба сармояи асосӣ таъсис ёфтанд. Ҳаҷми умумии сармоягузориҳои хориҷӣ ба иқтисодиёти мамлакат дар соли 2021 ба 718,3 миллион доллари ИМА баробар гардида, аз он 342,2 миллион доллари ИМА инвеститсияи мустақим, 0,1 миллион доллари ИМА инвестистияи портфелӣ ва 376,0 миллион доллари ИМА - дигар намудҳои инвеститсияро дар бар мегирад. Нишондодҳои оморӣ шаҳодат медиҳанд, ки дар давраи муоинагардида ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ дар маҷмуъ дар мамлакат 2,5 маротиба афзуда, ин нишондод дар вилояти Хатлон – 2,52 маротиба ва дар ВМКБ – 191% мебошад. Ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ бо ҳисоб ба як сокини мамлакат дар маҷмуъ 178% зиёд шудааст.

Ҷадвали 3 –Хусусгардонии амволи давлатӣ аз рӯи минтақаҳои ҷумҳурӣ, адад*⁾.

| Минтақа | Солҳо | | | | | | | | Ҷамъ |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | 1991 | 1995 | 2000 | 2005 | 2010 | 2019 | 2020 | 2021 | |
| Ҳамагӣ | 39 | 309 | 647 | 670 | 292 | 57 | 77 | 81 | 2172 |
| ВМКБ | - | 5 | 15 | 22 | 3 | 1 | 1 | 1 | 48 |
| Вилояти Хатлон | 12 | 61 | 248 | 232 | 123 | 21 | 10 | 13 | 720 |
| Вилояти Суғд | 3 | 61 | 114 | 146 | 94 | 23 | 50 | 46 | 537 |
| ш.Душанбе | 24 | 138 | 113 | 89 | 24 | 5 | 6 | 16 | 415 |
| НТҶ | - | 44 | 157 | 181 | 48 | 7 | 10 | 5 | 452 |

*⁾ *аз ҷониби муаллиф дар асоси нишондодҳои Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия карда шудааст.*

Ҳиссаи хоси муассисаҳои саноатии амалкунанда дар вилояти Хатлон аз шумораи умумии онҳо дар мамлакат (2397 адад) 26,7% - ро (640 адад) ташкил дода, дар шаҳри Душанбе 22,4% - (538 адад) ва дар ВМКБ – 2,7% (66 адад) баробар аст. Мавқеи асосиро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯи истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ ба сари аҳолӣ дар соли 2021 вилояти Суғд ишғол намудааст, ки ба 7459 сомонӣ баробар аст. Дар пойтахт ин нишондиҳанда 2778,6 сомониро ташкил дода, дар вилояти Хатлон ба 2927 сомонӣ баробар аст. Нишондиҳандаҳои аз ҳама паст ба ВМКБ – 1370 сомонӣ ва НТҶ – 1797,3 сомонӣ хос ҳастанд.

Вилояти Хатлон яке аз минтақаҳои калонтарин аз рӯи шумораи аҳолӣ - 3530 ҳазор нафар мебошад, ки аз рӯи ҳисобҳои соли 2020 наздики 35,7% - и аҳолии мамлакат дар ин минтақа истиқомат мекунанд. Дар вилояти Суғд 2823,9 ҳазор нафар, ё 28,5% - и аҳолии мамлакат, дар НТҶ – 2101,0 ҳазор нафар ё 21,2% - и аҳолии мамлакат зиндагӣ мекунанд. Қисмати боқимондаи аҳолӣ сокинони пойтахти мамлакат – 1201,8 ҳазор нафар ва аҳолии ВМКБ – 230,6 ҳазор нафар мебошанд.

Саноати вилояти Суғд аз ҷониби 733 адад муассисаҳо муаррифӣ гардида, маҳсулоти он дар соли 2021 ба 21,06 млрд сомонӣ баробар гардида, 54,2% - и ҳаҷми ҷумҳуриявии истеҳсолоти саноатиро ташкил додааст. Таҳлили ҷараёни нишондиҳандаҳои иқтисодии ин вилоят ва муқоисаи он бо нишондиҳандаҳои умумиҷумҳуриявӣ аз он шаҳодат медиҳад, ки иқтидори саноатӣ ва имконияти истифоанамоии он ба таври кофӣ баланд аст. Ҳаҷми

истеҳсолоти саноатӣ дар вилоят дар давраи солҳои 2012 – 2021 тақрибан ду маротиба афзудааст. Ҷалбнамоии инвеститсия ба иқтисодиёти вилояти Суғд дар давраи муоинашаванда – 2,28 маротиба афзуда аст, ҳол он ки ин нишондиҳанда дар маҷмуъ дар ҷумҳурӣ ҳамагӣ 124,4% зиёд шудааст. Ба объектҳои афзалиятдоштаи сармоягузорӣ муассисаҳои истихроҷи кӯҳӣ ва истеҳсоли масолеҳи сохтмонӣ мебошанд. Қайд кардан зарур аст, ки саноати ин минтақаи мамлакат, аз ҷумла саноати хурду миёна, дорои иқтидори содиротии зиёд мебошад.

Тадқиқоти иҷрошуда оиди нобаробарӣ дар ҷойгирнамоии соҳибкории хурду миёна вобаста ба минтақаҳои ҷумҳурӣ ва тафриқаи тақсимоти ҳудудӣ дар мамлакат аз рӯи нишондиҳандаҳои даромади андоз ба сари аҳолӣ шаҳодат медиҳад. Нишондоди зиёдтарини ин ба 2,4 маротиба хоси вилояти Суғд ва нишондиҳандаи пасттарин 33,75% мебошад, ки ба НТҶ рост омадааст. Таҳлили ҷараёни ҳаҷми буҷаҳои маҳаллӣ, ки дар диссертатсия баргузор шудааст оиди мавқеи пешрафтаи мамлакат дар вилоятҳои Суғд ва Хатлон инчунин шаҳри Душанбе шаҳодат медиҳад. Дар давраи солҳои 2012 – 2021 буҷаҳои маҳаллӣ дар вилояти Суғд 5,6 маротиба ва дар вилояти Хатлон 5,5 маротиба афзудааст. Ҳаҷми воситаҳои мақсаднок (субвенсияҳо) аз буҷаи ҷумҳуриявӣ дар буҷаҳои маҳаллӣ, ки барои мутавозун намудани қисматҳои даромадӣ ва хароҷотии буҷаҳои маҳаллӣ ифода ёфтааст дар соли 2021 дар ВМКБ 216,77 млн. сомонӣ, НТҶ – 328,8 млн. сомонӣ, вилояти Хатлон – 613,32 млн. сомониро ташкил медиҳад. Таҳлили иҷрошуда оиди робитаи баёнгардидаи фаъолии соҳибкорӣ ва воридаоти андоз дар мамлакат шаҳодат медиҳад. Табиист, ки барои мустаҳкам намудани заминаи молиявии рушди иҷтимоию иқтисодии минтақаҳо бояд кодекси андоз такмил дода шуда, аз ҷумла ба самти дастгирии рушди муассисаҳои хурду миёна таваҷҷуҳ зоҳир гардад. Бояд қайд намуд, ки нишондиҳандаҳои рушди минтақаҳои ҷумҳурӣ зуд фарққунандаанд, ки ин бо нишондодҳои ҷадвали 4 тасдиқ гардидааст. Маҷмӯи маҳсулоти минтақавӣ ба як нафар аҳолӣ дар шаҳри Душанбе аз ҳамин нишондиҳандаи миёна дар ҷумҳурӣ 1,7 маротиба ва нишондиҳандаи нисбатан пасти ВМКБ 2,8 маротиба зиёд аст.

Ҷадвали 4 – Нишондиҳандаҳои иқтисодӣ дар системаи муқоисаи байниминтақавии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2021

| **Нишондиҳандаҳо** | **Душанбе** | **НТҶ** | **Вилояти Суғд** | **Вилояти Хатлон** | **ВМКБ** | **Бо ҳисоби миёна дар ҶТ** |
|---|---|---|---|---|---|---|
| МММ ба сари аҳолӣ, сом./нафар | 15726,4 | 8238,9 | 9724,1 | 7637,3 | 5554,1 | 9376,16 |
| Ҳаҷми маҳсулоти саноатӣ, млн. сомонӣ | 3339,4 | 3776,3 | 21064,8 | 10333,0 | 315,5 | 7765,8 |
| Ҳаҷми гардиши маҳсулоти чакана, млн. сомонӣ | 7721,0 | 5014,6 | 12256,3 | 8058,2 | 169,5 | 6643,9 |
| Музди миёнаи моҳонаи номиналии меҳнат, сомонӣ | 2282,97 | 1274,7 | 1418,81 | 1143,19 | 1459,3 | 1515,7 |
| Арзиши инвеститсияҳои хориҷӣ млн. сомонӣ | 133,9 | 5,0 | 182,0 | 17,6 | 3,7 | 68,44 |

Сарчашма: *Аз ҷониби муаллиф аз рӯи Маҷмӯаи омории минтақаҳои ҶТ ҳисоб карда шудааст –2022с, - С.318.*

Таҳлили инвеститсия ба иқтисодиёти вилояти Суғд аз он шаҳодат медиҳад, ки суммаи инвеститсияҳои хориҷӣ бо ҳисоб ба як истиқоматкунандаи ин минтақа аз ҳамин нишондиҳандаи вилояти Хатлон зиёда аз 10 маротиба зиёдтар аст. Айни замон ҳаҷми истеҳсолоти саноатӣ дар вилояти Суғд ҳатто истеҳсоли маҳсулоти саноатии шаҳри Душанберо пеш гузаштааст (ҷадвали 5).

Ҷадвали 5– Динамикаи истеҳсолоти саноатӣ вобаста ба минтақаҳои ҶТ
(бо нархҳои соли 2021, млн. сомонӣ)

| Минтақаҳо | 2016 | | 2017 | | 2018 | | 2019 | | 2020 | | 2021 | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | млн. сом. | бо % аз ҷамъ | млн. сом. | бо % аз ҷамъ | млн. сом. | бо % аз ҷамъ | млн. сом. | бо % аз ҷамъ | млн. сом. | бо % аз ҷамъ | млн. сом. | бо % аз ҷамъ |
| ҶТ | 15090 | 100 | 20029 | 100 | 23894 | 100 | 27613 | 100 | 30890 | 100 | 38829 | 100 |
| ВМКБ | 128,8 | 1 | 193,4 | 0,96 | 238,3 | 0,99 | 249,3 | 0,90 | 228,8 | 0,74 | 315,5 | 0,81 |
| Вилояти Суғд | 7078,5 | 46,9 | 10066,4 | 50,2 | 11498,4 | 48,1 | 13053,6 | 48,3 | 15573,2 | 50,4 | 21064,8 | 54,2 |
| Вилояти Хатлон | 5047,7 | 33,4 | 6753,1 | 33,7 | 7294,0 | 30,5 | 8661,1 | 31,9 | 8998,3 | 29,1 | 10333,0 | 26,6 |
| ш. Душанбе | 1461,8 | 9,6 | 1659,0 | 8,2 | 2664,9 | 11,1 | 2753,4 | 9,7 | 2800,6 | 9,0 | 3339,4 | 8,6 |
| НТҶ | 1373,2 | 9,1 | 1357,1 | 6,7 | 2198,5 | 9,2 | 2895,6 | 10,5 | 3289,4 | 10,6 | 3776,3 | 9,7 |

Манбаъ*: Тавассути: Минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон /Маҷмӯаи оморӣ, - Душанбе, Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2022. - С. 120-121.*

Нишондодҳои ҷадвалҳои 6 ва 7 тағйироти сохториро дар саноати вилояти Суғд нишон медиҳанд. Бояд қайд намуд, киҳиссаи саноати истихроҷи маъдан дар давраи солҳои 2012-2021 ба андозаи 1,7 фоиз зиёд шуда, ҳиссаи саноати коркард 9,7 фоиз коҳиш ёфтааст. Бо ифодаи пулӣҳаҷми истеҳсолот дар ин соҳаҳо мутаносибан 6 ва 5 маротиба афзудааст. Ҳаҷми истеҳсолот дар саноати нассоҷӣ ва дӯзандагӣ, ки дар он соҳибкории хурду миёна рушд ёфтааст, 2,4 маротиба афзудааст.

Таблица 6 – Динамикаи ҳаҷми маҳсулоти саноатӣ дар вилояти Суғд, млн. сомонӣ

| Нишондиҳандаҳо | 2012 | 2014 | 2016 | 2017 | 2018 | 2020 | 2021 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Кулли саноат | 3666,8 | 3774,7 | 6868,5 | 9883,0 | 11277,5 | 15573,2 | 21064,8 |
| **Саноати истихроҷи маъдан** | 1068,5 | 1154,3 | 2505,1 | 4050,0 | 4015,8 | 2859,1 | 6500,9 |
| *аз ҷумла* | | | | | | | |
| истеҳсоли маводҳои энергетикӣ | 55,4 | 132,7 | 172,5 | 247,8 | 290,3 | 342,25 | 380,3 |
| истеҳсоли маводҳои ғайриэнергетикӣ | 1013,1 | 1021,6 | 2332,6 | 3802,2 | 3725,5 | 2516,88 | 6120,6 |
| **Саноати коркарди маҳсулот** | 2444,5 | 2415,8 | 4134,2 | 5495,1 | 6418,5 | 11588,7 | 13291,15 |
| *аз ҷумла* | | | | | | | |
| Истеҳсоли маҳсулоти озуқаворӣ, бо тназардошти нӯшоба ва тамоку | 1691,6 | 1269,5 | 1874,1 | 2493,3 | 2439,1 | 4902,8 | 5239,82 |
| истеҳсолоти нассоҷӣ ва дӯзандагӣ | 591,6 | 474,6 | 596,6 | 818,3 | 910,3 | 996,72 | 1404,4 |
| истеҳсоли чарм, маснуоти чармӣ ва истеҳсоли пойафзол | 0,1 | 0,7 | 18,2 | 21,4 | 21,5 | 32,05 | 59,8 |
| коркарди чубу тахта ва истеҳсоли маснуот аз чубу тахта | 17,04 | 19,84 | 50,54 | 57,55 | 61,23 | 65,12 | 56,1 |
| истеҳсолоти селлюлозаю қоғазӣ , фаъолияти нашриётӣ ва полиграфӣ | 5,85 | 10,33 | 7,33 | 8,73 | 8,93 | 22,75 | 68,4 |
| истеҳсоли маҳсулоти нафтӣ | 23,03 | 28,48 | 24,53 | 20,67 | 21,34 | 36,49 | 41,7 |
| истеҳсолоти кимиёвӣ | - | | 78,35 | 80,07 | 82,34 | 52,12 | 72,06 |
| истеҳсолоти маснуоти резинӣ ва пластмассагӣ | 48,82 | 74,59 | 54,78 | 61,03 | 63,40 | 148,01 | 186,01 |
| истеҳсолоти дигар маҳсулоти минералии ғайриметалӣ | 50,09 | 88,75 | 434,82 | 545,61 | 581,41 | 870,07 | 896,41 |
| истеҳсолоти металлургӣ ва истеҳсоли маснуоти тайёри металӣ | 3,45 | 446,32 | 1203,03 | 1565,22 | 1624,31 | 4371,9 | 5204,8 |
| Мошинсозӣ | 12,0 | 17,20 | 16,92 | 26,86 | 25,67 | 18,59 | 36,4 |
| Дигар соҳаҳои саноат | 0,84 | 11,09 | 7,20 | 7,53 | 7,97 | 71,4 | 67,5 |
| Истеҳсол ва тақсимоти қувваи барқ, газ ва об | 153,78 | 204,55 | 229,33 | 338,09 | 356,13 | 1125,29 | 1272,65 |

Манбаъ: *тавассути Маҷмӯаи солонаи саноати Тоҷикистон ҳисоб карда шудааст - 2022 с., С.9,29.*

Тадқиқот нишон дод, ки тағйироти сохторӣ дар саноати вилояти Суғд бо андозаи муайян аз рушди соҳибкории хурду миёна дар ин сектори иқтисодиёт вобастагӣ дорад. Тадқиқот муайян намуд, ки саноати истихроҷ ва металлургияи вилоят душвориҳои зиёдро паси сар намуда истодаанд ва ин ҳолат аз коҳиш ёфтани ҳиссаи омилҳои шиддатноки рушди истеҳсоли саноатӣ, суръати пасти навкунии инноватсионии фондҳои истеҳсолӣ вобаста буда, одатан дар сектори саноати вилоят тағйироти номукаммали сохториро ба вуҷуд меоранд.

Ҷадвали 7 – Тағйироти сохторӣ дар саноати вилояти Суғд, %

| **Нишондиҳандаҳо** | **2012** | **2018** | **2021** | **Тағйирот дар муқоиса бо соли 2012 бо нишондоди фоизӣ, %** |
|---|---|---|---|---|
| Кулли саноат | 100,0 | 100,0 | 100,0 | - |
| Саноати истихроҷи маъдан | 29,1 | 35,6 | 30,8 | 1,7 |
| аз ҷумла истеҳсоли маводҳои энергетикӣ | 1,51 | 2,57 | 1,8 | 0,29 |
| истеҳсоли маводҳои ғайриэнергетикӣ | 27,6 | 33,0 | 29,0 | 1,4 |
| Саноати коркарди маҳсулот | 66,6 | 56,9 | 63,09 | -3,51 |
| аз ҷумла истеҳсоли маҳсулоти озуқаворӣ, бо тназардошти нӯшоба ва тамоку | 46,1 | 21,6 | 21,6 | -24,5 |
| истеҳсолоти нассоҷӣ ва дӯзандагӣ | 1,6 | 8,1 | 8,1 | 6,5 |
| истеҳсоли чарм, маснуоти чармӣ ва истеҳсоли пойафзол | 0,02 | 0,19 | 0,19 | 0.17 |

Манбаъ: *тавассути Маҷмӯаи солонаи саноати Тоҷикистон ҳисоб карда шудааст - 2022 с., С.9,29.*

Таҳлили қиёсии динамикаи нишондиҳандаҳои иқтисодии ин вилоят ва қимати миёнаи он барои ҷумҳурӣ, ки дар диссертатсия иҷро шудааст, аз он шаҳодат медиҳад, ки трендҳои асосии рушди он саноат ва гардиши савдои беруна мебошанд. Ҳаҷми ин соҳаҳо дар давраи муоинашуда зиёда аз ду маротиба афзудааст. Тадқиқот нишон медиҳад, ки омилҳои асосии тағйироти сохторӣ дар сектори саноати ҷумҳурӣ ва дар маҷмуъ иқтисодиёти он бояд рушди соҳибкории хурду миёнаи саноатӣ гардад, ки аз он иқтидори зиёди саноатикунонии иқтисодиёт, рушди шуғли маҳсулотии аҳолӣ, баланд шудани сатҳи заминаи андозсупорӣ, зиёдшавии ҳаҷми ММД ва дарёфти теъдоди зиёди дигар манфиатҳои иҷтимоию иқтисодӣ сарчашма мегирад. Ин гуфтаҳо ҳамчунин тавассути қиматҳои пешгӯишудаи ММД мамлакат ва шумораи кормандони ба соҳибкории хурду миёна машғул (МХМС), ки дар ҷадвали 8 оварда шудааст, исбот мегардад. Таҳлили натиҷаҳои ҳисоб нишон медиҳад, ки ҳиссаи ММД ба ҳар як корманди муассисаҳои хурду миёнаи саноатӣ тамоюл ба рушд дорад. Дар соли 2022 ба ҳар як нафар одам 0,196 млн. сомонӣ, дар соли 2030 бошад қимати ин нишондиҳанда бояд то 0,250 млн. сомонӣ, яъне 27,5% афзояд. Дар ин маврид шумораи аҳолии ба соҳибкории хурду миёнаи саноатӣ машғулбуда дар соли 2030 то 520,4 ҳазор нафар, яъне 1,24 маротиба меафзояд.

Ҷадвали 8 – Қиматҳои пешгӯишудаи ММД ва машғул шудан ба МХСМ дар ҶТ

| **Солҳо** | **2022** | **2023** | **2024** | **2025** | **2026** | **2027** | **2028** | **2029** | **2030** |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| ММД (млрд. сомонӣ) | 81,58 | 86,20 | 90,82 | 95,45 | 100,1 | 104,7 | 109,3 | 120,3 | 130,4 |
| МХМС (ҳаз. нафар) | 416,9 | 434,6 | 452,3 | 469,9 | 487,6 | 487,6 | 487,6 | 499,2 | 520,4 |
| ММД/МХМС (млн. сомонӣ) | 0,196 | 0,198 | 0,201 | 0,203 | 0,205 | 0,207 | 0,209 | 0,240 | 0,250 |

Дар диссертатсия механизми дастгирии давлатӣ ва таъминоти захиравии соҳибкории хурду миёнаи саноатӣ мавриди тадқиқ қарор дода шудааст. Нишон дода шудааст, ки маҳз давлат омӯзиши талабти ҷомеаро амалӣ намуда, татбиқи мақсадҳои стратегии диверсификатсияи иқтисодиёти миллиро таҳия ва таъмин месозад, фаъолияти истеҳсолии сохторҳои соҳибкориро баҳогузорӣ менамояд, ҷойгирнамоии фармоишҳои давлатӣ ва харидории маҳсулоти истеъмолиро барои эҳтиёҷоти давлатӣ ба роҳ мемонад, гардиши маҳсулотро ба нақша мегирад ва рушди иқтидори илмию зеҳниро таъмин месозад.

Тавре аз расми 7 дида мешавад, асоси усулҳои иқтисодии танзими давлатиро манфиати моддӣ доштани соҳибкорон ҷиҳати равона намудани фаъолияти худ ба самти тақозонамудаи ҷомеа ва дарёфти ҳалли масъалаҳои ташаббусӣ ва масъалаҳои гузоштаи онҳо бидуни амрҳои махсус ё муқаррарот аз ҷониби мақомоти танзими дохилӣ ба ҳисоб меравад. Ҳангоми зарурат татбиқи вазифаҳои танзими давлатии фаъолияти соҳибкорӣ дар сатҳҳои миллӣ, минтақавӣ ва маҳаллӣ баргузор мегардад.




*Расми 7. Усулҳои танзими давлатии фаъолияти соҳибкорӣ*

Дар тадқиқот ҷанбаҳои асосии танзими давлатӣ дар соҳаи соҳибкории хурду миёнаи саноатӣ асоснок карда шуданд, ки фарогири инҳо мебошанд:

- ташкилнамоии инфрасохтори мусоидат ва рушди соҳибкории хурду миёнаи саноатӣ;
- таъсиси шароитҳои имтиёзнок барои соҳибкории хурду миёна оиди истифодаи захираҳои давлатии молиявӣ, моддию техникӣ ва иттилоотӣ, коркардҳо ва технологияҳои илмию техникӣ;
- таъсис додани тартиби бақайдгирии субъектҳои соҳибкории хурду миёнаи саноатӣ, иҷозатномакунии фаъолияти онҳо, сертификати маҳсулот, пешниҳоди ҳисоботи оморӣ ва муҳосибӣ;
- дастгирии фаъолияти бурунмарзии иқтисодии субъектҳои соҳибкории хурду миёнаи саноатӣ, аз ҷумла мусоидат ба робитаҳои савдо, илмию техникӣ, истеҳсолӣ ва иттилоотии онҳо бо шарикони хориҷӣ;
- ташкили омодагӣ, азнавтайёркунӣ ва баланд бардоштани дараҷаи тахассусии кормандон барои сохторҳои хурду миёнаи соҳибкорӣ дар саноат.

Дар шароити ҳозира шумораи зиёди имтиёзҳои андозӣ ва гумрукӣ пешниҳод гардида, теъдоди сохторҳои бақайдгирии соҳибкорӣ аз 4 адад то 1 адад коҳиш ёфтааст ва ҳаққи хизматрасонӣ дар ин самт пардох карда намешавад. Шумораи имтиёзҳои андозӣ ва гумрукии

дар соли 2022 бо ҳисоби пулӣ зиёда аз 12 млрд. сомониро ташкил додааст. Аз ҳисоби коҳиш ёфтан ва рад гардидани 5 намуди андоз дар соли 2022 1,5 млрд. сомонӣ ҳамчун дастгирии субъектҳои соҳибкорӣ ҳифз гардидааст, ки шумораи онҳо дар соли 2022 ба 33 ҳазор баробар буда, аз ҳамин нишондоди соли 2018 76 ҳазор зиёд аст. Дар ин маврид соҳибкорони мамлакат ба раванди саноатикунонии босуръат ва бунёди муассисаҳо барои истеҳсоли маҳсулоти истеъмолоти халқ, объектҳои иҷтимоӣ ва баланд бардоштани сифати зисти аҳолӣ саҳми назаррас гузоштаанд. Мо итминон дорем, ки фаъолии созандагӣ дар соҳаи истеҳсолоти саноатӣ боз ҳам фарохтар мегардад. Маблағгузории умумие, ки таи панҷ соли охир корчаллонҳои мамлакат ба сохтмони объектҳои истеҳсолӣ ва иҷтимоӣ равона намудаанд зиёда аз 12 млрд. сомониро ташкил медиҳад. Дар диссертатсия самтҳои афзалиятноки рушди таъминоти инфрасохтории соҳибкории хурду миёнаи саноатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон системавӣ кунонида шудааст.

**Дар боби сеюм “Иқтидори содиротӣ ва бехатарии иқтисодии муассисаҳои хурду миёна, ҳамчун шароити саноатикунонии мамлакат”** иқтидори содиротии соҳибкории хурду миёнаи саноатӣ мавриди тадқиқ қарор дода шуда, монеаҳо дар самти ташкилнамоӣ ва рушди он дар манотиқи Ҷумҳурии Тоҷикистон ошкор гардиданд. Дар асоси услуби пешниҳодгардида дараҷаи бехатарии иқтисодии муассисаҳои мушаххас баҳогузорӣ карда шуд.

Таҳия ва татбиқи сиёсати асоснокшудаи ташкилнамоӣ ва амалисозии иқтидори содиротии субъекти фаъолияти иқтисодӣ пешниҳоди аниқи ин мафҳумро тақозо менамояд. Дар иқтисодиёт аз оғози солҳои 90 – ум категорияҳои “иқтидори содиротӣ” ва “пойгоҳи содиротии саноат” пайдо шуданд, ки ҳанӯз дар солҳои 70-80 – уми асри 20 мавриди тадқиқот қарор гирифта шуда буданд. Айни замон мафҳуми умумиқабулгардидаи ин истилоҳот мавҷуд нест ва ин ҳолат вазифаи танзими захираҳои содиротиро душвор мегардонад. Пешгӯиҳои дарозмуддати иқтисодӣ аз он шаҳодат медиҳанд, ки раванди ҷаҳонишавии иқтисодиёт ва дар натиҷа проблемаҳои идоракунии рақобатпазирии муассисаҳо дар сатҳи байналмилалӣ мубрамияти худро нигоҳ медоранд. Самаранокии иқтисодиёти содиротию нигаронидашуда бо роҳи истеҳсоли маҳсулоти дар асоси бартариҳои рақобатнокии мамлакат бавуҷудомада ба даст меояд. Назарияи бартарияҳои рақобатнокӣ тафовути байни давлатҳо ва тавсифоти миллии онҳоро дар нақшаи аввал мегузорад. Таҳлили иқтисодиёти давлатҳои аз ҷиҳати саноатӣ пешрафта шаҳодат медиҳад оиди мавҷудияти хусусиятҳои баёнгардида дар моделҳои инноватсионии бартариҳои рақобатнокӣ.

Дар асоси омӯзиши хусусиятҳои категорияҳои иқтисодии “иқтидори содиротӣ” мо ба хулосае омадем, ки муайянкунии он бояд на танҳо ҳамчун “қобилияти” доро будан ва зиёд кардани маҳсулот, балки “имконияти татбиқ намудани ин қобилият” ба инобат гирифта шавад. Ба сифати маҳдудкунандагони имконият метавонанд омилҳо ва шароитҳои гуногун, аз ҷумла дорои тавсифоти сиёсӣ муаррифӣ гарданд. Аз ин сабаб мо чунин мешуморем, ки *иқтидори содиротии соҳибкории хурду миёнаи саноатӣ қобилияти ин сектори иқтисодиёти миллиро дар самти истифодаи самараноки захираҳои молиявӣ, моддӣ, иттилоотӣ ва зеҳнии истеҳсоли маҳсулоти дар бозорҳои ҷаҳонӣ рақобатпазир ва қобилияти содироти он дар ҳаҷми кофӣ ва бо нархҳои ҷаҳонӣ ифода менамояд.*

Омӯзиши проблемаҳои ташкилнамоии иқтидори содиротӣ дар адабиёти муосири ватании иқтисодӣ ва тадқиқоти олимони давлатҳои узви ИДМ то кунун тавзеҳоти заруриро пайдо накардааст. Ҳолати мазкур аз як қатор сабабҳо, аз ҷумла аз мавҷудияти монополияҳои давлатӣ дар фаъолияти иқтисодии бурунмарзӣ алоқамандӣ дорад. Дар асоси баҳисобгирии дараҷаҳои гуногуни баҳодиҳии категорияи “иқтидори содиротӣ” мо ду гурҳи омилҳоро ҷудо намудем, ки дар расми 8 дарҷ гардидаанд.




Расми 8. Омилҳои ташкилнамоии иқтидори содиротии муассиса.

Танзими давлатӣ ҳавасмандгардонии содироти миллиро бо роҳи суғуртакунии таҳвилоти содиротӣ, қарздиҳии истеҳсолот, таъмини иттилоотии ширкаткунандагони фаъолияти иқтисодии бурунмарзӣ ифода менамояд. Омили сиёсӣ протексионизм ва мавҷудияти барномаҳои махсуси байнидавлатиро дар бар гирифта, тавсифоти бозори содиротӣ вазъи бозорҳои ҷаҳонии маҳсулотиро инъикос менамояд. Пойгоҳи меъёрию ҳуқуқӣ бошад танзими гумрукӣ ва нархгузориро тавсиф намуда, шабеҳият ва мухталифиро дар меъёрҳои ҳуқуқӣ ва танзимотии давлатҳои содиркунандаю воридсозанда муайян менамояд.

Новобаста аз ҳамроҳшавии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба раванди ҷаҳонишавии муносибатҳои байналилалии иқтисодӣ то имрӯз услуби аз ҷониби мақомоти дахлдор қабулшуда ва тасдиқгардидаи баҳодиҳии иқтидори содиротӣ вуҷуд надорад. Дар диссертатсия системаи нишондиҳандаҳои сифатию микдорие пешниҳод гардиданд, ки метавонанд барои баҳодиҳии иқтидори содиротии муассисаҳои саноатӣ истифода шаванд.

Дар шароити кунунии ноустувории муҳити бозорӣ, пастшавии талаботи пардохтпазир ва тағйирёбии зиёди нархҳо истифодаи усулҳои ғайриқтисодии кайҳо ҳамчун проблемаи вобастагии зиёди рушди иқтисодиёт аз ашёи хом боз ҳам эҳсосшаванда мегардад, ва ин зарурияти диверсификатсияи содиротро, ки имкон медиҳад то самаранокии иқтисодиёт мутавозун ва баланд гардад ба миён меорад.

Рушди робитаҳои иқтисодии хориҷӣ ва якҷояшавии Тоҷикистон ба системаи ҷаҳонии хоҷагидорӣ зарурияти таъмини рақобатпазирии иқтисодиёти минтақавӣ ва зиёд кардани иқтидори содиротиро тақозо менамояд. Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ ба парламенти кишвар қайд намуданд, ки “бояд ба рушди содирот, тезонидани диверсификатсияи истеҳсолот таваҷҷуҳи махсус дода шуда, дар асоси имкониятҳои мавҷудбуда ҷиҳати коркарди ниҳоии пахта, сабзавот ва меваҳо, канданиҳои фоиданок ва сангҳои қиматбаҳо тадбирҳои зарурӣ андешида шаванд”[4].

Нишондодҳои ҷадвали 9 аз тон шаҳодат медиҳанд, ки дар давраи солҳои 1988 – 1991 дар сохтори содироти ҶШС Тоҷикистон ба дигар ҷумҳуриҳои давлати шӯравӣ ҳиссаи хоси

---

[4] Паёми Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26.12.2018// [Маводи электронӣ]. -Речаи дастрасӣ: http://www.president.ti/.

зиёдтаринро маҳсулоти саноатӣ ишғол менамуд. Дар ҳамин маврид маҳсулоти саноати сабуки ҶШС Тоҷикистон дар оғоз ва анҷоми давраи муоинашаванда мутаносибан 48,9% ва 25,6%, металлургияи ранга – 16,8% ва 39,0%, машинаҳо ва коркарди металлҳо – 10,8% ва 13,1%, саноати озуқаворӣ – 9,6% ва 13,2% - ро ташкил додааст, ки аз иқтидори саноатии кифоятан баланди ҷумҳури дар даврони шӯравӣ шаҳодат медиҳад.

**Ҷавдали 9** – Сохтори соҳавии содироти ҶШС Тоҷикистон дар солҳои 1988-1991, %

| Соҳа, гуруҳи маҳсулотӣ | Солҳо | | | |
|---|---|---|---|---|
| | 1988 | 1989 | 1990 | 1991 |
| Ҳамагӣ *аз ҷумла* | 100 | 100 | 100 | 100 |
| Қувваи барқ | 2,4 | 1,8 | 2,3 | - |
| Сӯзишворӣ | 0,9 | 0,7 | 0,8 | 1,1 |
| Металлургияи ранга | 16,8 | 17,5 | 17,3 | 39,0 |
| Кимиё ва кимиёи нефтӣ | 4,0 | 4,5 | 4,5 | 2,0 |
| Машинаҳо ва коркарди металлҳо | 10,8 | 9,8 | 8,6 | 13,1 |
| Масолеҳи сохтмонӣ | 1,9 | 1,8 | 1,5 | 6,0 |
| Саноати сабук | 48,9 | 48,3 | 44,1 | 25,6 |
| Саноати озуқаворӣ | 9,6 | 9,8 | 15,2 | 13,2 |
| Хоҷагии қишлоқ | 3,7 | 3,5 | 3,6 | - |
| Дигар намуди маҳсулоти моддӣ | 1,0 | 2,3 | 2,1 | - |

**Манбаъ:** *Бо истифода аз Давлатҳои собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ. Маҷмӯаи оморӣ. Бонки умумиҷаҳонӣ. Вашингтон, 1993. - С. 577 [19] таҳия карда шуд.*

Бо дарёфти соҳибихтиёрӣ дар ҷумҳурӣ бо сабабҳои дар боло зикргардида коҳишёбии истеҳсоли саноатӣ сурат гирифт, ки боиси ғайрисаноатӣ гардидани иқтисоди он шуда, ҳиссаи соҳаҳои истеҳсолкунандаи маҳсулоти тайёр кам шуд ва содироти ашёи хом суръат пайдо намуд. Коҳишёбии аз ҳама зиёд дар саноати сабук ва кимиёвӣ, мошинсозӣ ва коркарди металлҳо ҷой дорад. Дар баробари ин сохтори ҷуғрофии содироти Вумҳурии Тоҷикистон низ дучори тағйироти ҷиддӣ гардид. Агар дар соли 1992 содирот дар давлатҳои узви Иттиҳоди давлатҳои мустақил 62% ва дар давлатҳои хориҷи дур 38%-ро ташкил медод, пас дар соли 2014 таносуби мазкур тамоман тағйир ёфт: ба ҳиссаи давлатҳои узви ИДМ 26% ва давлатҳои хориҷи дур, бахусус давлатҳои Осиё 74%-и ҳаҷми содирот рост омад. Дар соли 2021 панҷ шарикони асосии савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯи содирот Туркия (3,8%), Швейтсария (0,2%), Қазоқистон (24,0%), Ҷумҳурии исломии Эрон (1,5%) ва Ҷумҳурии исломии Афғонистон (6,3%) ба ҳисоб мерафтанд. Маҳсулоти калидии содиротии ҷумҳурӣ дар соли 2021 алюминии аввалия (24,8%), консентрати маъдан (17,1%), нахи пахта (17,5%) ва қувваи барқ (5,5%) буд.

Номукаммалии сохтори сабади содиротии мамлакат дар зиёд будани алюминии аввалия, консентрати маъдан ва нахи пахта ифода меёбад, ки содироти ашёи хом ва вобастагӣ аз лаппиши нархҳои ҷаҳонӣ ва ашёи хомро инъикос менамояд.

Ба монеаҳои калидии боздорандаи имкониятҳои содиротии мамлакат дар саноат номгӯи зеринро метавон мисол овард:

- таҷҳизонидани заифи технологӣ, ки ба вобастагии зиёди муассисаҳо аз воридоти таҷҳизот ва технологияҳо боис гардида, дар натиҷа сабаби паст шудани рақобатпазирии маҳсулоти ватанӣ гардид;
- дастрасии паст ба захираҳои миолиявӣ барои ташкилнамоӣ, рушд ва татбиқи иқтидори содиротӣ;
- сатҳи пасти омодагии мутахассисон, мавҷуд набудани таҷриба ва собиқа дар истеҳсолкунандагон ва махсусияти институтсионалӣ байни соҳаҳои ҳамшабеҳ;
- монеаҳои маъмурӣ дар роҳи содироти маҳсулот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва

ҷумҳуриҳои ҳамсоя, инчунин дар мамлакатҳои воридкунандаи имконпазир, бо назардошти тартиботи мураккаби танзими гумрукӣ ва маъмурӣ;

- мавҷуд набудани мустақилияти муассиса, пешгӯинашавандагии муҳити беруна ва имкониятҳои маҳдуду рағбат ба инноватсия;

- мавҷуд набудани таҳлили маркетингӣ, менеҷменти сифат ва идоракунии бесамар.

Ҳамчунин аҳамияти фарзияҳои объективиро, ки монеаҳои баромадкунандаи рушди содиротро бояд қайд намуд, ки фарогири ҳолатҳои зерин аст:

- дуршавии нисбии ҳифзшавандаи он аз долонҳои байналмилалии нақлиётии ҷаҳонӣ ва бозорҳои асосии ҷаҳонӣ;

- ҳиссаи зиёди хароҷоти нақлиётӣ дар арзиши маҳсулоти содиротӣ, бо назардошти боҷҳои рухсатнашуда;

- мавҷуд набудани ташкилоте, ки ба ҳаракати маҳсулот дар бозорҳои дохилию хориҷӣ машғул аст;

- сатҳи нокифояи дастгирии давлатии рушди содирот;

- мавҷуд набудани омилҳои воқеӣ ба содирот барои истеҳсолкунандагони ватании маҳсулот ва хизматрасонӣ.

Аз номгӯйи овардашудаи монеаҳо бар меояд, ки онҳо на танҳо қобилияти ташкилнамоии иқтидори содиротиро, ҳатто қобилияти татбиқи онро маҳдуд мегардонанд. дар асоси омӯзиши иттилооти дар сарчашмаҳои адабиётӣ мавҷудбуда ва нишондодҳои экспертӣ дар диссертатсия се намуди стратегияи баромадани соҳибкории хурду миёна ба бозорҳои берунӣ пешниҳод карда шуд: содиротӣ, шартномавӣ (фаъолияти соҳибкории муштарак) ва инноватсионӣ.

Тадқиқоти иҷрошуда имкони баровардани хулосаҳои зеринро медиҳад: соҳибкории хурду миёнаи саноатӣ дорои қобилияти ташкилкунандагии иқтидори содиротӣ ба як соҳа ва ташаккулёбандагии татбиқталаби дигар соҳа мебошад. Иқтидори содиротии соҳибкории хурду миёнаи саноатӣ, ки метавонад дар нақши драйвери (миёнарави) рушди иқтисодӣ дар иқтисодиёти муосири Ҷумҳурии Тоҷикистон муаррифӣ гардад, то ҳол нақши асосиро набозида истодааст. Барои он ки соҳибкории хурду миёнаи содиротӣ ба сектори самараноки иқтисодиёт табдил ёбад, бояд маҷмӯи пурраи тадбирҳо андешида шавад, ки ба фарох гардонидани содирот, теъдоди маҳсулоти он ва табдилдиҳандаи робитаҳои иқтисодии беруна дар заминаи дастгирии давлатӣ нигаронида шуда бошад.

Муносибати методии мазкури муаллиф дар расми 9 оварда шудааст.




*Расми 9. Бехатарии иқтисодии муассисаҳои хурду миёна*

Хусусияти системаҳои муосири идоракунии субъектҳои хоҷагидор, аз ҷумла соҳибкории хурду миёнаи саноатӣ консентратсияи таваҷҷуҳи махсус ба таъмини бехатарии иқтисодии онҳо мебошад. Тадқиқоти назариявӣ ва методии ба бехатарии иқтисодии соҳибкории хурду миёна бахшидашуда то кунун анҷомнапазируфта ба ҳисоб меравад. Вале, тавре дар

диссертатсия нишон дода шудааст, маҳз соҳибкории хурду миёна нисбатан нозукона буда, бештар дар шароити хавфи зиёд қарор мегирад. Номуайянии баланд, маҳдудияти дастрасӣ ба захираҳои барои татбиқи тадбиоҳо оиди соддагардонӣ ва бартарафсозии хатарҳо мисоли ин хавфҳо мебошанд. Бехатарии иқтисодӣ аз ҷониби мо ҳамчун қобилияти муассисаҳои хурду миёна ҷиҳати ноил шудан ба бизнес – мақсадҳо дар заминаи нигоҳ дошатни рушди устувор, коҳиш додани қувваи омилҳои таъсири манфирасонандаи муҳити берунӣ ва дохилӣ ва истифодаи максималии ошкоршавии мусбат муаррифӣ гардидааст.

Дар диссертатсия алгоритми баҳодиҳии даврии сатҳи бехатарии иқтисодии субъектҳои соҳибкории хурду миёнаи саноатӣ (расми 10) пешниҳод гардидааст ки пайдарпайии муайяни амалиётро фарогир аст. Таҳлили қиёсии усулҳои баҳодиҳии бехатарии иқтисодии муассиса ба муаллиф имкон доданд, ки хулосаҳои зеринро барорад: интихоби усули баҳодиҳӣ, инчунин муайян намудани аҳамияти ҳудудии суръатбахшандагони бехатарии иқтисодӣ дар ҳар як ҳолати мушаххас инфиродӣ буда, бояд хосиятҳои соҳавӣ, мақсад ва шароитҳои рушди субъекти хоҷагидорро ба инобат гирад. Дар тадқиқот асоснок карда шуд, ки сатҳи аҳамияти ҳудудӣ доимӣ набуда, тағйирпазир аст, зеро одатан он бояд бо мақсадҳои муассиса дар ҳолати ҷории вақт мувофиқат кунад. Таҳлили қиёсии усулҳои муайян намудани аҳамияти ҳудудии ҳар як суръатбахшандаи бехатарии иқтисодӣ нишон медиҳад, ки усули нисбатан қобили қабул баҳодиҳии экспертӣ буда, дар тадқиқоти мазкур дар асоси пурсишномаҳои миёни муассисаҳои саноати озуқаврии Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузоршуда татбиқ гардидааст.




*Расми 10. Алгоритми баҳодиҳии даврии сатҳи бехатарии иқтисодии субъектҳои соҳибкории хурду миёнаи саноатӣ*

Бо мақсади муайян намудани аҳамияти ҳудудӣ аз ҷониби мо тавассути усули баҳодиҳии экспертӣ пурсишнома таҳия карда шуда, мутобиқ ба ҳолати нишондиҳандаҳо хол гузошта шуд. Пурсишномаи мазкур имкон фароҳам овард, ки сатҳи бехатарӣ муайян карда шуда, ба он барои муттаҳидсозӣ дар холи интегралии ягонаи бехатарӣ қимат дода шавад. Натиҷаҳои пурсиши экспертҳо мутобиқи сатҳи бехатарӣ ба тартиб даровада шуда, ба онҳо холи мувофиқ гузошта шуд:

- холи баланди “4” ба ҳолати беҳтарин гузошта шуд;

- холи миёнаи “3” ба ҳолати начандон хуб гузошта шуд;
- холи пасти “2” ба ҳолати начандони бад гузошта шуд;
- холи нигаронкунандаи “1” ба ҳолати аз ҳама бадтарин гузошта шуд.

Бо мақсади бартараф намудани имконияти зараррасонӣ ба корчаллонии ин муассисаҳо дар кори мазкур бар ҳар яки онҳо рақами мувофиқи идентификатсионӣ гузошта шуд.баҳодиҳии сатҳи бехатарии иқтисодӣ аз рӯи якчанд меъёр амалӣ карда шуд. Дар намуди ҳаҷми маҳдуди автореферат мо натиҷаҳои баҳодиҳии устувории молиявиро дар чор муассисаи таҳқиқгардида баргузор намудем (ҷадвали 10)

Ҷадвали 10 – Баҳодиҳии ҳолати молиявии муассиса, нишондиҳандаҳо ва холҳо

| Сатҳи устуворӣ | Нишондиҳандаи сеомила | Холи бехатарӣ |
|---|---|---|
| Мутлақ | $S_1 = (1,1,1)$ | 4 |
| Муътадил | $S_2 = (0,1,1)$ | 3 |
| Паст | $S_3 = (0,0,1)$ | 2 |
| Нигаронкунанда | $S_4 = (0,0,0)$ | 1 |

Тавре аз ҷадвал дида мешавад, сатҳи баланди бехатарӣ дар ҳолати молиявиро муассисаи аввал дорад. Нишондиҳандаҳои се муассисаи боқимонда аз устувории пасти онҳо шаҳодат медиҳад, зеро дар ин муассисаҳо нокифоягии сармояи гардони худӣ ва сарчашмаҳои дарозмуддати ташаккулёбии захираҳо мушоҳида нагашта, инчунин ин муассисаҳо дар ҳолати вобастагӣ аз воситаҳои қарзӣ қарор доранд. Меъёри навбатие, ки тавассути он баҳодиҳии бехатарии иқтисодии субъекти хоҷагидор сурат мегирад фоиданокӣ мебошад. Барои тавсифи ин меъёр нишондиҳандаҳои фоиданокии фурӯш ва робитаи мутақобилаи суръати афзоиши фоидаи мувозинавӣ, даромад ва асъори мувозина интихоб карда шуданд.

## ХУЛОСА

Аз рӯи натиҷаҳои тадқиқоти баргузоршуда чунин хулоса ва пешниҳодот ба таври мухтасар ифода карда шуданд.

1. Дастгоҳи тафсиркунандаи назарияи соҳибкорӣ ба самти ворид намудани тағйирот ва иловаҳо рушд ёфтааст, ки баинобатгирандаи меъёрҳои сифатию миқдории ин намуди фаъолияти иқтисодӣ дар давраҳои гуногуни рушди ҷомеа ва вазифаҳои ба онҳо мувофиқи ба соҳибкорӣ гузошатшуда, инчунин сифати инфиродии худи соҳибкор мебошад [1-А].

2. Маҷмӯи мушаххаси меъёрҳо, ки ҳангоми тафриқаи андозавии соҳибкории саноатӣ истифода шуданд, аз мақсади идоракунии ташкилнамудаи соҳибкор вобаста буда, тавассути вазифаҳои дар раванди ноилшавӣ ба мақсадҳои гузошташуда ҳалшаванда муайян мегарданд [1-А].

3. Вазифаҳои соҳибкории саноатӣ фарогири: таъсиси маҳсулоти моддии қонеъкунандаи талаботи пойгоҳии одамон (маҳсулоти истеъмолотӣ) ва ба шакли муайян даровардани сармоя барои ҳамаи соҳаҳои фаъолият (воситаҳои истеҳсолот); татбиқи ақидаҳои илмию техникӣ ва ташкилнамоии асосҳои пешрафти иқтисодии ҷомеа дар маҷмуъ [3-А].

4. Робитаи мутақобилаи ифодашавандаи сиёсати саноатии соҳибкории хурду миёна ва бехатарии иқтисодии он, тадқиқоти илмии ин самт баанҷомнарасида тавсиф карда шуд [1-А].

5. Яке аз сабабҳои ғайрисаноатӣ будани иқтисодиёти миллӣ хусусигардонии бесамари муассисаҳои давлатии саноатӣ мебошад. Хусусигардонии моликияти давлатро бояд ташкилнамоӣ ва суръатноккунии институти соҳибкории хурду миёна дар саноат бо таъминоти ҳуқуқии мутобиқ ва баҳодиҳии бозории арзиши объектҳои хусусигардонӣ ҳамроҳӣ намояд.

6. Бартарии муассисаҳои хурду миёна бо андозаи пурра ҳангоми ҳамкории онҳо бо сохторҳои бузурги саноатӣ амалӣ шуда истодааст. Дар диссертатсия зарурияти вобастакунии амалнамоии соҳибкориҳои бузург, хурд ва миёнаи саноатӣ асоснок карда шудааст. Дар ин маврид мо ҳолатеро, ки худи амалия дар ҳақиқат намудҳои нави муносибатҳои ташкилиро тавлид намуда, пешниҳодоти илмӣ дар баъзе мавридҳо метавонанд бетағйир монанд, сарфи назар намекунем [15-А].

7. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон сатҳи рушди соҳибкории хурду миёна дар саноати корчаллонӣ ҳанӯз ҳам аз давлатҳои аз нуқтаи назари иқтисодӣ пешрафта хеле қафо мондааст. Рушди иқтисодиёти миллӣ дар сатҳи зиёд аз ҳолати соҳибкорӣ вобаста буда ва баръакс, - серҳаракатии рушди соҳибкории хурду миёнаи саноатӣ тавассути дараҷаи рушдёбии дигар соҳаҳои иқтисодиёт муайян карда мешавад [1-А].

8. Соҳибкории хурду миёнаи саноатӣ бо иқтидори зиёд барои саноатикунонии иқтисодиёт, рушди машғулии маҳсулотӣ, баланд бардоштани сатҳи пойгоҳи андозбандӣ, зиёдшавии ҳаҷми ММД ва дарёфти якчанд манфиатҳои дигар иҷтимоию иқтисодӣ тавсиф карда мешавад [3-А].

9. Дар муайяннамоии категорияи иқтисодии "иқтидори содиротӣ" бояд на танҳо "қобилият", балки "имконияти амалӣ намудани ин қобилият" низ ба инобат гирифта шавад. Аз ин сабаб иқтидори содиротии соҳибкории хурду миёна дар саноат – ин қобилияти он ҷиҳати истифодаи самараноки захираҳои моддӣ, молиявӣ, иттилоотӣ ва зеҳнӣ, истеҳсоли маҳсулоти дар бозорҳои ҷаҳонӣ рақобатпазир ва имконити содироти он дар ҳаҷми кофӣ бо нархҳои ҷаҳонӣ мебошад [4-А].

10. Соҳибкории хурду миёна дар саноат дорои иқтидори ташкилкунандагии содиротӣ барои як соҳа ва аллакай ташкилшудаю ба фурӯш тақозодоштаи соҳаи дигар мебошад. Новобаста аз ин иқтидори содиротии соҳибкории хурду миёна дар саноат айни ҳол суръатбахшандаи рушди саноат дар иқтисодиёти муосири Ҷумҳурии Тоҷикистон буда наметавонад [7-А].

11. Дараҷаи аҳамияти ҳудудии суръатбахшандагони бехатарии иқтисодӣ доимӣ набуда тағйирёбандааст, зеро он ба мақсадҳои муассиса дар ҳамон лаҳзаи вақт мувофиқат мекунад. Истифодаи усули баҳодиҳии экспертии ин нишондиҳандаҳо имкон медиҳад, ки тавсияҳои асоснок оиди баланд бардоштани сатҳи бехатарии иқтисодӣ, сабукгардонӣ ва бартарафсозии хатарҳои муҳити дохилию берунӣ пешниҳод гардад [9-А].

## ТАВСИЯҲО ОИДИ ИСТИФОДАИ АМАЛИИ НАТИҶАҲОИ ТАДҚИҚОТ

1. Натиҷаҳои тадқиқоти асосҳои назариявию методии ташкилнамоӣ ва рушди соҳибкории хурду ми      на дар саноат ва нақши он дар саноатикунонии нави иқтисодиёт метавонанд ба китоб ворид карда шуда, ҳагоми омӯзиши фанҳои мувофиқи барномаҳои таълимӣ истифода шаванд.

2. Таҷрибаи ҷаҳонии истифодаи иқтидори соҳибкории хурду миёна дар рушди саноат барои мақомоти давлатии муайянкунандаи сиёсати саноатии мамлакат манфиат пайдо мекунад.

3. Натиҷаҳои баҳодиҳии ҳолати кунунӣ ва рушди соҳибкории хурду миёна ва иқтидори саноатии он метавонанд ҳангоми таҳияи барномаҳои миёнамуддат ва дарозмуддати рушди саноат мавриди ситифода қарор гиранд.

4. Механизмҳои дастгирии давлатӣ ва таъминоти захиравии соҳибкории хурду миёна дар саноат, ки дар диссертатсия асоснок карда шудаанд, метавонанд ба мақомоти дахлдор барои истифода ҳангоми таҳияи сиёсати хазинаи давлатӣ, пойгоҳи меъёрию ҳуқуқӣ, инчунин ба ташкилоти ҷамъиятӣ ва сохторҳои соҳибкорӣ ирсол карда шаванд.

5. Натиҷаҳои тадқиқоти иқтидори содиротиисоҳибкории хурду миёна дар саноат, имкониятҳои татбиқи он метавонанд барои истифода ба Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Палатаи савдо фиристода шаванд.

6. Услуби пешниҳодшудаи баҳодиҳии бехатарии иқтисодии муассисаҳои хурду миёнаи саноатиро метавон дар намуди васоити методӣ нашр намуда, ҳамзамон ба сохторҳои корчаллонӣ, Вазорати саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин муассисаҳои таълимии олӣ барои истифода ҳангоми омӯзиши фанни «Бехатарии иқтисодӣ» тавсия намуд.

## Рӯйхати корҳои нашршуда аз рӯи мавзӯи диссертатсия

### а) Мақолаҳои илмӣ, ки дар маҷалла ва нашрияҳои тақризии тавсиянамудаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр гардиданд:

**[1 – А].** Лолаев З.Х. Проблемы малого и среднего бизнеса в Таджикистане / Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон// 2018. №2. С. 141-145.

**[2 – А].** Лолаев З.Х. Анализ финансового состояния предприятия / Ашуров К.Р., Тилоева П.Р // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон». 2018. -№11. С. 135-138.

**[3 – А].** Лолаев З.Х. Малый и средний бизнес и его роль в обеспечении устойчивого экономического развития республики Таджикистан /Ахророва А.Д. // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. 2019. -№7. С. 53-56.

**[4 – А].** ЛолаевЗ.Х. Инновационная деятельность в предпринимательстве и конкурентоспособность промышленных предприятий в условиях рыночных отношений // Паёми политехникии Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ. -2019. [Матн] // Паёми политехникӣ. 2019. -№3(48).

[**5 – А].** ЛолаевЗ.Х. “Таъсири рушди гидроэнергетика ба истеҳсолоти саноатӣ” // Ашуров К.Р., // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон». 2020.№4.ISSN 2413-5151№4.2020.- с.67-74.

**[6 – А].** ЛолаевЗ.Х. “Таҳлили вазъи сармоягузорӣ дар рушди иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон” // Убайдзода К.Н., // Паёми политехникии Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ. -2021. [Матн] // Паёми политехникӣ. Силсилаи Интелект. Инноватсия. Инвеститсия ISSN 2520-2235.1(53) 2021.саҳ.53-57.

**[7– А].** Лолаев З.Х., «Оценка экономической безопасности малых и средних промышленных предприятий Республики Таджикистан» Паёми политехникии Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ. -2022. [Матн] // Паёми политехникӣ. Силсилаи Интелект. Инноватсия. Инвеститсия ISSN 2520-2235. 2022. -№ 4 (60). // Ахророва А.Д. //

**[8 –А].** ЛолаевЗ.Х., «Конкурентоспособность малого и среднего предпринимательства в промышленности, как критерий оценки его экономической безопасности» // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. Маҷаллаи илмӣ. ISSN 2308-054Х. 2023. -№1(45).

### б) дар дигар нашрияҳо:

**[9 – А].** Лолаев З.Х. Достижения промышленных предприятий, их адаптация и безопасность с учетом поступательного и быстрого развития в условиях рыночной экономики Республики Таджикистан // Маводҳои Конференсияи байналмилалии илмию амалии “Иқтисодиёт ва менеҷменти муосир: назария, методология, таҷриба”. 2018.

[**10 – А].** Лолаев З.Х. Факторы и пути обеспечения экономической безопасности промышленных предприятий //Конференсияи IX – уми байналмилалии илмию амалии «European ScientificConference». 2018.

[**11 – А].** Лолаев З.Х. Хозяйственное партнерство государства и частного бизнеса ДСТР “факултети иқтисодӣ кафедраи “Иқтисодиёти муассиса ва соҳибкорӣ” // “Мизи мудаввар” “Проблемаҳои рушди иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароитҳои бозорӣ”. 2018.

[1**2 – А].** Лолаев З.Х. “Таъмини бехатарии озуқаворӣ, аҳамият ва моҳияти рушди иқтисодӣ - иҷтимоии Ҷумҳурии Тоҷикистон” // Маводҳои Конференсияи байналмилалии илмию амалии «Истифодаи усулҳои муосири идоракунӣ дар рушди иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон» 26.11.2020 с. Донишгоҳи славянии Руссия ва Тоҷикистон. 217 с.

**[13 – А].** Лолаев З.Х. “Финансово-кредитная подержка развития малого предпринимательства в Республики Таджикистан” // Маводҳои Конференсияи байналмилалии илмию амалӣ дар мавзӯи «Бехатарии ҳаракат ва тамоюлҳои инноватсионӣ дар нақлиёт», бахшида ба хотираи профессорон Турсунов А.А., Оев А.М. ва Сангинов О.Қ.” соли 2020 дар ДТТ ба номи академик М.С. Осимӣ.166с.

**[14 – А].** Лолаев З.Х. «Сиёсати давлатии саноатикунонии босуръат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон” // Маводҳои Конференсияи байналмилалии илмию амалӣ дар мавзӯи «Бехатарии ҳаракат ва тамоюлҳои инноватсионӣ дар нақлиёт», бахшида ба хотираи профессорон Турсунов А.А., Оев А.М. ва Сангинов О.Қ.” соли 2020 дар ДТТ ба номи академик М.С. Осимӣ.166с.

**[15 – А].** Лолаев З.Х. «“Таҳлили вазъи муосири соҳибкорӣ дар рушди саноатикунонии

босуръати Ҷумҳурии Тоҷикистон” // Маводи конференсияи байналмилалии илми амалӣ дар мавзӯи “Проблемаҳои муосири саноати металлургӣ”, бахшида ба эълон гардидани ҳадафи чоруми миллӣ – саноатикунонии кишвар ва 25 солагии таъсисёбии кафедраи “Металлургия”. // Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С.Осимӣ. – Душанбе, - 2021.422с. (9-10 уми декабри соли 2021).

**[16 – А].** Лолаев З.Х. “Сиёсати давлатии саноатикунонии босуръат Ҷуумҳурии Тоҷикистон”// Маводи конференсияи байналмилалии илми амалӣ дар мавзӯи “Проблемаҳои муосири саноати металлургӣ”, бахшида ба эълон гардидани ҳадафи чоруми миллӣ – саноатикунонии кишвар ва 25 солагии таъсисёбии кафедраи “Металлургия”.// Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С.Осимӣ. – Душанбе, - 2021.422с. (9-10 уми декабри соли 2021)

# АННОТАЦИЯ

**на автореферат диссертации Лолаев З.Х. на тему: «Развитие малого и среднего предпринимательства в промышленности как основа индустриализации национальной экономики» (на материалах Республики Таджикистан)» на соискание ученной степени кандидата экономических наук по специальности:08.00.04 - Отраслевая экономика. (08.00.04.01– Экономика промышленности и энергетики)**

**Ключевые слова: малого и среднего промышленного предпринимательства, предпринимательство, бизнес, предпринимательская деятельность, эффективное развитие, устойчивое развитие, государственное поддержка, промышленности.**

Диссертационное исследование посвящено теоретическому обоснованию и разработке организационно-экономических механизмов развития малого и среднего промышленного предпринимательства. Научный и практический интерес автора к изучению потенциала малого и среднего предпринимательства и возможностей его реализации в промышленности обусловлен его особой значимостью в достижении стратегической цели РТ - индустриализации экономики.

Наиболее существенные результаты автора включают: авторскую трактовку понятия промышленное предпринимательство, с его задачи и отличительные особенности от бизнеса; обоснование необходимости развития малых и средних промышленных предприятий и разработаны методические приемы увеличения их роли в индустриализации национальной экономики; выявлен индустриальный потенциал малого и среднего предпринимательства и определен его вклад в социально-экономическое развитие страны и ее регионов; дана оценка эффективности государственной поддержки и ресурсного обеспечения малого и среднего промышленного предпринимательства и обоснованы меры по ее повышению; обоснован комплекс мер по наращиванию предпринимательского потенциала в промышленности; оценен экспортного потенциала малого и среднего промышленного предпринимательства, обоснованы меры по его реализации в хозяйственной практике; предложена и апробирована методика оценки экономической безопасности малых и средних промышленных предприятий.

Теоретическая и практическая значимость работы заключается в том, что в ней доказана определяющая роль малых и средних предприятий в формировании новой модели национальной экономики на основе индустриализации, предложены конкретные механизмы по эффективному использованию потенциала малого и среднего предпринимательства в промышленном секторе экономики, расширению его экспортных возможностей и обеспечению экономической безопасности, которые могут быть использованы государственными органами управления и конкретными предпринимательскими структурами.

Результаты настоящего исследования внедрены в учебный процесс Технологического университета Таджикистана и Таджикского технического университета имени академика М.С. Осими, что подтверждается справками о внедрении.

Диссертация состоит из введения, трех глав, заключения, списка литературы и приложений.

## АННОТАСИЯ

**ба автореферати диссертатсияи Лолаев З.Х. дар мавзӯи: "Рушди соҳибкории хурду миёна дар саноат ҳамчун заминаи индустриякунонии иқтисоди миллӣ" (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон), ки барои дарёфти унвони илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.04 Иқтисодиёти соҳавӣ (08.00.04.01– Иқтисодиёти саноат ва энергетика).**

**Калидвожаҳо: соҳибкории хурду миёнаи саноатӣ, соҳибкорӣ, тиҷорат, фаъолияти соҳибкорӣ, рушди самаранок, рушди устувор, дастгирии давлатӣ, саноат.**

Тадқиқоти рисолаи номзадӣ ба асосноккунии назариявӣ ва рушди механизмҳои ташкилию иқтисодии рушди корхонаҳои саноатии хурд ва миёна бахшида шудааст. Таваҷҷӯҳи илмӣ ва амалии муаллиф ба омӯзиши потенсиали корхонаҳои хурду миёна ва имкониятҳои татбиқи он дар саноат, аз аҳамияти хоса дар ноил гардидан ба ҳадафи стратегии Ҷумҳурии Тоҷикистон - индустриякунонии иқтисодиёт аст.

Натиҷаҳои назарраси муаллиф инҳоро дар бар мегиранд: тафсири консепсияи соҳибкории саноатӣ бо ҳадафҳо ва фарқияти хусусиятҳо аз тиҷорат; асоснокии зарурати рушди корхонаҳои хурду миёнаи саноатӣ ва усулҳои методологӣ оид ба баланд бардоштани нақши онҳо дар индустриякунонии иқтисодиёти миллӣ таҳия карда шуданд; нерӯи саноатии корхонаҳои хурду миёна муайян карда шуда, саҳми он дар рушди иҷтимоию иқтисодии кишвар ва минтақаҳои он муайян карда шуд; самаранокии дастгирии давлатӣ ва дастгирии захираҳои корхонаҳои саноатии хурду миёна баҳогузорӣ карда шуда, тадбирҳо оид ба афзоиши он асоснок карда шудаанд; маҷмӯи тадбирҳо оид ба рушди нерӯи соҳибкорӣ дар саноат асоснок карда шуданд; баҳодиҳии иқтидори содиротии корхонаҳои саноатии хурду миёна, андешидани чораҳои асоснок барои татбиқи он дар амалия;

Аҳамияти назариявӣ ва амалии кор дар он аст, ки нақши ҳалкунандаи тиҷорати хурду миёна дар ташаккули модели нави иқтисодиёти миллиро дар асоси индустриякунонӣ, механизмҳои мушаххаси истифодаи самарабахши иқтидори корхонаҳои хурду миёна дар бахши саноатии иқтисодиёт ва густариши содироти онро исбот кардааст, имкониятҳо ва таъмини амнияти иқтисодӣ, ки аз ҷониби ҳукумат ва корхонаҳои мушаххас истифода мешаванд.

Натиҷаҳои таҳқиқот ба ҷараёни таълимии Донишгоҳи технологии Тоҷикистон ва Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ, ки бо шаҳодатномаҳои иҷрошуда тасдиқ шудааст.

Рисола аз муқаддима, се боб, хулоса, рӯйхати адабиётҳо ва замимаҳо иборат аст.

## ANNOTATION

**To a thesis abstract of Z. Kh. Lolaev on topic: "Development of small and medium-sized enterprises in industry as the basis of industrialization National Economy (based on materials of Republic of Tajikistan)" for the candidate degree of Economic Sciences, specialty 08.00.04 - Branch economy. (08.00.04.01 - Economics of industry and energy).**

**Key words: small and medium-sized industrial entrepreneurship, entrepreneurship, business, entrepreneurial activity, effective development, sustainable development, state support, industry.**

The thesis research is focused on theoretical justification and elaboration of organizational and economic mechanisms for the small and medium-sized industrial enterprises development. The author's scientific and practical interest in studying the potential of small and medium-sized enterprises and the possibilities of its implementation in industry is due to its special significance in achieving the strategic goal of the Republic of Tajikistan - industrialization of the economy.

The most significant results of the author include: the author's interpretation of the concept of industrial entrepreneurship, with its objectives and distinguishing features from business; substantiation of the need for the development of small and medium-sized industrial enterprises and methodological practices have been elaborated to increase their role in the industrialization of the national economy; the industrial potential of small and medium-sized enterprises has been identified and its contribution has been determined to the socio-economic development of the country and its regions; the effectiveness of government's support and resourcing for small and medium-sized industrial enterprises is assessed and measures to increase it are justified; a set of measures has been substantiated to develop entrepreneurial potential in industry; the export potential of small and medium-sized industrial enterprises is assessed, substantiated measures for its implementation in economic practice; a methodology for assessing the economic security of small and medium-sized industrial enterprises was proposed and tested.

The theoretical and practical significance of the work lies in the fact that it is proved the decisive role of small and medium enterprises in the formation of a new model of the national economy based on industrialization, proposed specific mechanisms for the effective use of the potential of small and medium enterprises in the industrial sector of the economy, the expansion of its export opportunities and ensuring economic security that can be used by government and specific enterprises structures.The results of this research are introduced into the educational process of the Technological University of Tajikistan and the Tajik Technical University named after Academician M.S. Osimi, which is confirmed by certificates of implementation.

The thesis consists of an introduction, three chapters, conclusion, list of references and applications.

Подписано к печати 17.05.2023 Формат 60x84 /16.
Бумага офсетная. Тираж 60 экз.

Отпечатано в типографии ТТУ